# Пешгуфтор

Мо шодем, ки шумо ба омӯхтани Китоби Муқаддас шавқ доред. Мо, яъне мактаби ғоибонаи Китоби Муқаддас "Аммоус" дар асоси коллеҷи Китоби Муқаддас "Аммоус", ки с. 1941 таъсис ёфтааст, амал мекунем. Курсҳои ғоибонаи Китоби Муқаддаси мо шиносоии оличаноб бо Китоби Муқаддас буда, шуморо қадам ба қадам дар тӯли тамоми роҳи омӯхтани ҳақиқатҳои он ҳамроҳӣ хоҳанд кард.

Мо барои омӯхтани Китоби Муқаддас қариб 20 китоби дарсиро, ки ҳақиқатҳои асосии Китоби Муқаддас, китобҳои Паймони Навин ва дигар мавзӯъҳоро дида мебароянд, пешкаши шумо мегардонем.

Мақсади мо ба шумо ёрӣ додан аст, то дар ҳаёти худ ба чунин дараҷае расед, ки ба воситаи муносибат ва робитаи наҷотдиҳанда бо Исои Масеҳ шумо барои ҷалоли Худо зиндагӣ карданро сар мекунед. Ҳеҷ кадоми шумо набояд худро одами модарзод бебахт ҳис намояд: мо барои ғалаба кардан ба дунё омадаем. Пас, аз чӣ бояд сар кард? Касе инро чунин баён кардааст: "Аз пайраҳаҳои тираву торики гуноҳ роҳи бозгашт ба Худо ҳаст. Дари кушода ҳаст, то ту даромада тавонӣ. Ту дар назди салиби Ҷолҷолто ибтидои нави худро асос мегузорӣ, вақте назди Исо чун гунаҳкор меоӣ".

Корҳои шуморо мувофиқи яке аз мавзӯъҳои пешниҳодшуда тафтиш кардаву баҳо дода, мо ба шумо шаҳодатнома дар бораи ба охир расонидани курси мазкур (ба шарте ки шумо барои на камтар аз

60%-и саволҳо дуруст ҷавоб гардонда бошед) ва ҳамчунин маводи курси ояндаро мефиристем.

Вақте шумо 12 курси аввали барномаи моро бо муваффақият омӯзед, ба шумо “Диплом” дода хоҳад шуд. Ба шумо маслиҳат медиҳем, ки ҳам ин шаҳодатномаҳо ва “Диплом”-ро, ва ҳам тамоми китобҳоро нигоҳ доред, зеро дар оянда онҳо барои такрор кардан даркор шуда метавонанд.

## Таълимро чӣ тавр бояд ташкил дод

Бо дуо ба Худо муроҷиат кунед, то дили шумо барои қабул кардани он ҳақиқатҳое кушода шавад, ки ӯ ба воситаи Сухани Худ шуморо таълим хоҳад дод.

Ҳангоми омӯзиши ҳар гуна курси ғоибона шумо мустақилона кор мекунед, аммо, охир, таълим доимо кори *шахсӣ* мебошад. Бинобар ин аз худи аввал ба он чиз тайёр бошед, ки курсро аз аввал то охир тамом кунед, ҳатто агар ин чандон мувофиқи хости дили шумо намебошад. Маҳз дар натиҷаи омӯзиши хонагии Китоби Муқаддас хизмати аксари одамон ба Худо хеле беҳтар шуд.

## Маълумоти умумӣ

Ҳар як дарс ба худ маводи дарсӣ ва саволҳои имтиҳониро дар бар мегирад. Вазифаи шумо аз он иборат аст, ки маводи дарсро дар китоби дарсӣ бо диққат омӯхта, матни дахлдорро аз Китоби Муқаддас хонед, ва пас аз ин кӯшиш намоед, ки ба саволҳои дафтари имтиҳонӣ ҷавоб гардонед.

Пас аз он ки шумо ҳамаи дарсҳоро аз худ карда, тамоми супоришҳоро дар дафтари имтиҳонӣ иҷро кунед, онро барои тафтиш ба нишонии ишорашуда фиристонед. Дар ҷавоб ба шумо маводи имтиҳонии аз ҷониби дастурдиҳандагон тафтишшуда бо қайдҳо ва дастурҳои иловагӣ фиристода мешавад, ки дар корҳои минбаъда ба шумо ёрӣ хоҳанд дод. Онҳоро бо диққат дида баромада, ба ҷавобҳои он саволҳое ки сабаби душвории шумо шуданд, диққат диҳед. Боварӣ ҳосил кунед, ки шумо ҳар як дарси курси омӯхташударо фаҳмидед. Агар шумо ҳанӯз савол дошта бошед, дар бораи ин ба дастурдиҳандаатон нависед. Муҳим аст, ки шумо то охир тамоми маводи курси додашударо аз худ кунед.

## Усулҳои таълим

### *1. Ҷадвал тартиб диҳед*

Барои бо муваффиқият омӯхтани тамоми курси ғоибона муайян кунед, ки шумо ҳафтае чанд соат дарс мехонед. Мо бо исрор ба шумо тавсия мекунем, ки дар як ҳафта на камтар аз се соат дарс хонед. Ҳар қадар бисёртар шумо дарс хонед, ҳамон қадар курс барои шумо пурсамартар хоҳад буд.

Дар ин ҷо аз ҳама чизи муҳим мунтазам будан аст. Дар миёни машғулиятҳо танаффусҳои хеле калон накунед. Ва чизи аз ҳама муҳимтар ин аст, ки ягон дарсро бе диққат нагузоред! Ҳамин ки шумо ба таъхир

гузоштани дарс ё бе диққат мондани онро сар кунед, мебинед, ки баргаштан ба онҳо чӣ тавр душвор аст.

### 2. *Хонед ва кӯшиш намоед, ки чизи хондаатонро фаҳмед*

Ана якчанд маслиҳатҳои оддӣ, ки ба шумо метавонанд даркор шаванд.

Аз дуо сар карда, аз Худо хоҳиш намоед, ки дилҳои шуморо барои қабули он ҳақиқатҳое кушояд, ки ба воситаашон шуморо таълим хоҳад дод (Забур 118:18). Пеш аз он ки омӯзиши курсро сар кунед, мавзӯъҳои дарсҳоро дида бароед. Сипас ду маротиба, бо диққат, маводи дарсиро хонед – бори якум барои пайдо кардани тасаввуроти умумӣ, ва сипас бо диққат, шитоб накарда, боз як бори дигар. Ба порчаҳо аз Навиштаҷот диққати махсус диҳед. *Хониш ва омӯзиши Сухани Худо худ аз худ ва махсусан чун қисми таркибии дарс ниҳоят муҳим аст.*

Маводи дарсро хонда, дар ҳар банд зери фикрҳо, суханҳо ва ибораҳои асосӣ хат кашед. Ин ҷиҳатҳои асосӣ бисёр вақт дар охири ҳар як фасл барои ҷамъбаст карда хулоса баровардан нишон дода шудаанд. Ба ин диққат диҳед. Дар ҳошияҳо аломатҳои қайдро гузоред, ки ҳангоми аз сари нав дида баромадани матн ба шумо ёрӣ хоҳанд дод. Маводи дарсро бо матни Навиштаҷот муқоиса намоед.

Дар матни дарс тафсири истилоҳҳои хеле душвор дода шудааст. Ба ғайр аз ин метавон бо калимаҳое вохӯрд, ки мо тамоман бо онҳо шинос нестем. Дар ин сурат аз ягон луғати хуби Китоби Муқаддас истифода намоед.

### *3. Боғайрат бошед*

Омӯзиши маводро ба таври доимӣ давом дода, аз рӯи ҷадвали худ амал кунед.

Бигзор хатоҳоятон шуморо ба ташвиш наандозанд: муҳим ин аст, ки шумо аз онҳо сабақ гиред. Имтиҳон пурра нишон медиҳад, ки шумо то чӣ андоза дарсҳои гузаштаро аз худ намудед.

Оқилона истифода бурдани вақтро ёд гиред. Барои дида баромадан ва аз ёд кардани маводи дарсӣ вақтро дареғ надоред, охир он бар абас гузашта метавонист.

### *4. Худро барои ба мақсади охирин расидан омода созед*

Чун талабаи курсҳои ғоибонаи "Аммоус" шумо ба лашкари бисёрмиллионии одамоне дохил мешавед, ки худро ба омӯзиши хонагии Китоби Муқаддас бахшидаанд. Ин курсҳо барои бисёриҳо роҳро барои хизматгузории ҷиддитар ба Худо кушоданд.

## **Корҳои имтиҳонӣ ва санҷишӣ**

Корҳои санҷишӣ дар охири ҳар дарси курси мо ҷойгир карда мешаванд. Супоришҳои имтиҳонӣ чун як дафтарчаи алоҳида чоп мешавад. Ҳам корҳои санҷишӣ ва ҳам корҳои имтиҳониро барои такрори мавзӯъҳои азхудшуда истифода бурдан мумкин аст. Аммо ҳангоми иҷрои кори имтиҳонӣ истифода бурдан аз дарс, Китоби Муқаддас ё ёддоштҳои худ манъ аст, агар оиди ин ба таври ҷудогона маслиҳат нашуда бошад.

Кори санҷишӣ аз даҳ баёноте иборат аст, ки ба мавзӯи дарс дахл дорад; шумо бояд ҷавоб диҳед, ки оё онҳо дурустанд ё нодуруст. Ин гуна супоришҳо ба донишҷӯён ёрӣ медиҳанд, ки дониши худро пеш аз иҷрои кори имтиҳонӣ ва гузаштан ба дарси навбатӣ баҳо диҳанд. Ҷавобҳои корҳои санҷишӣ дар охири китоб ҷойгир шудаанд, то ки шумо тавонед хатоҳои худро ислоҳ намуда, ҷавобҳои дурустро ҳисоб кунед. Он фаслҳои дарсро, ки шумо дар онҳо хато кардаед, аз сар бояд хонд. КОРИ САНҶИШИРО БА МАКТАБИ ҒОИБОНА ФИРИСТОДАН ЛОЗИМ НЕСТ. Ба он мустақилона баҳо диҳед.

Оиди ягон саволи муайян фикрҳои худро ё одатан ба чӣ боварӣ доштанатонро нанависед. Саволҳо барои фаҳмидани он муқаррар шудаанд, ки шумо оятҳои Навиштаҷоти Муқаддасро, ки дар дарс дида баромада мешаванд, чӣ андоза аз худ намудаед.

Саволҳои "Шумо дар ин бора чӣ фикр мекунед" – саволҳои иловагие мебошанд, ки ба баҳои кор ягон хел таъсир намекунанд. Ҳангоми ҷавоб додан ба онҳо шумо метавонед озодона фикрҳои худро баён намоед. Ҷавобҳои софдилона ба муаллим ёрӣ медиҳанд, ки шуморо беҳтар шиносад ва то чӣ андоза самарабахш будани ин курсро фаҳмида гирад.

Ҳангоми кор бо китоби дарсӣ аз тарҷумаҳои гуногуни Китоби Муқаддас истифода бурдан мумкин аст. Аммо барои ҷавоб додан ба саволҳои имтиҳонӣ танҳо тарҷумаи нашри "Китоби Муқаддас, Стогколм 1992"-ро бояд истифода бурд, то ки муаллим бе душворӣ супоришҳои шуморо санҷида тавонад.

Ба омӯхтани дарсҳо худи имрӯз сар кунед. Кӯшиш кунед, ки дарсҳоро мунтазам омӯзед.

# Якчанд сухан ба донишҷӯён

Ғӯта! На он қадар зиёд мавзӯъҳое ёфт мешаванд, ки сабаби ин қадар баҳсҳо ва мухолифатҳо бошанд. Ин аз аввал бояд моро огоҳ намояд, ки шаш дарси курси додашуда моро бо пайраҳаҳои пурмашаққати Паймони Навин хоҳанд бурд!

Аммо ин набояд моро ба ҳаяҷон оварад. Бисёр мушкилот ҳангоми омӯхтани онҳо дар матн ва дар алоқамандӣ бо дигар ҷойҳои Китоби Муқаддас ҳал хоҳанд шуд. Дар курси додашуда мо кӯшиш намекунем, ки мавзӯъҳои душворро қатъи назар намоем ва тамоми оятҳои Паймони Навинро, ки ба ғӯта дахл доранд, дида мебароем. Рӯйхати пурраи ин оятҳо дар Номгӯй дар охири курс оварда шудааст.

Аммо ҳал кардани саволҳои ҷудогона, ки бо ғӯта алоқаманд ҳастанд, кофӣ нест. Дар Паймони Навин ҳукми бевоситаи Худованд Исои Масеҳ оиди он дода шудааст, ки ҳамаи масеҳиён бояд ғӯта хӯранд. Маҳз ҳамин ҳукм барои тамоми муҳокимаҳои минбаъдаи мо ба асос гирифта шудааст.

Бисёр хуб аст, агар ин курс шуморо ба омӯзиши ҷиддии Навиштаҷот ба ҳаракат оварад. Боз хубтар, агар он боиси фаҳмиши чуқури ғӯта гардад. Аммо агар шумо қарор диҳед, ки ҳукми мазкурро ба ҷо оваред – ин аз ҳама беҳтар хоҳад буд.

**Мавзӯи дарсҳо**

1. Пеш аз давраи Калисо
2. Ғӯтаи масеҳиёна

3. Мушкилоти ғӯтаи масеҳиёна
4. Оё ғӯта наҷот медиҳад?
5. Боз дар бораи ғӯта ва наҷот
6. Намудҳои дигари ғӯта

ДАРСИ ЯКУМ

# Пеш аз давраи калисо

## Муқаддима

Аллакай ҳангоми рӯякӣ дида баромадани Паймони Навин мо мебинем, ки калимаи "таъмид" (ғӯта)* барои тасвири амалҳои хеле гуногун истифода мешавад.

Вазифаи мо – тадқиқи хелҳои ғӯта ва фаҳмидани маънои онҳост.

Инак, хелҳои зерини ғӯтаро дида мебароем.

1. Ғӯтаи Яҳё
2. Ғӯтае ки Исо аз Яҳё гирифт
3. Ғӯтае ки шогиридони Масеҳ медоданд
4. Дар Ҷолҷолто дар марг ғӯта хӯрдани Масеҳ
5. Ғӯтаи масеҳиёна:
   а) ғӯтаи рӯҳонӣ дар марги Масеҳ ҳангоми бовар кардан;
   б) ғӯтаи обӣ чун шаҳодати ғӯтаи якум
6. Ғӯта хӯрдан бо Рӯҳи Пок

---

* Дар нусхаи тоҷикии Китоби Муқаддас калимаи юнонии "баптизо" бо калимаи арабии "таъмид" тарҷума шудааст. Дар ин курс мо онро осонтар ва аниқтар бо калимаи "ғӯта" тарҷума кардаем.

7. Ғӯта хӯрдан бо оташ
8. Ғутаи Паймони Куҳан, ки дар Паймони Навин зикр мешавад:
   а) Ғӯта хӯрдан дар Мусо;
   б) Ғӯтаи яҳудӣ (таҳорати маросимӣ).

Мо дидаву даниста аз таҳқиқи маънои калимаи *“баптизо”(гӯта)* даст кашидаем. Ҷилдҳои калоне ҳастанд, ки ба таҳқиқи ҳама гуна маъноҳои калимаи аслии юнонӣ бахшида шудаанд, аммо мутахассисони филологияи юнонӣ оиди ин масъала ба як хулоса омада натавонистанд. Бинобар ин, забоншиносиро ба як сӯ гузошта, ба мавзӯъҳои аҳамиятдор мегузарем, яъне ба маънои рӯҳонии ғӯта ва ҳаёти масеҳиёна ба сар бурдан.

## Ғӯтаи Яҳё

Аввалин зикр оиди ғӯта дар Паймони Навин бо номи Яҳёи Ғӯтадиҳанда алоқаманд аст. Баъзе ҷиҳатҳоро дида мебароем.

Аввалан, дар Мат. 21:24-25 Худованд Исо мегӯяд, ки ғӯтаи мазкур "аз осмон" буд, яъне аз Худо. Ҳамин тавр, ӯ хизматгузории Яҳёро дастгирӣ мекунад.

Дуюм, қайд мекунем, ки ғӯтаи мазкур барои халқи Исроил муқаррар шуда буд. Яҳё шаҳодат медиҳад: "Ман ӯро намешинохтам; лекин барои он ки ӯ ба *Исроил* зоҳир гардад, омадам ва бо об таъмид медодам" (Юҳ. 1:31). Инҷилнавис Марқӯс менависад, ки *"тамоми мардуми сарзамини Яҳудо ва сокинони Ерусалим* берун омада, назди вай мерафтанд" (Мар. 1:5). Ниҳоят, ба яҳудиён дар Антиохия муроҷиат карда, фириста (ҳаворӣ) Павлус мегӯяд, ки пеш аз омадани Исо Яҳё ба тамоми қавми* Исроил таъмиди тавбаро мавъиза кард" (Аъм. 13:24).

Барои дарк кардани ғӯтаи Яҳё аҳамияти хизматгузории вайро фаҳмидан зарур аст.

Дар давоми 470 сол халқи Исроил бе подшоҳи худ зиндагонӣ мекард. Ва агарчи гурӯҳи хурди одамон ҳанӯз ҳам интизори Масеҳ буданд, аксарияти яҳудиён ба Худованд ва қонунҳои ӯ бепарво буданд. Дар он вақт фикрҳои онҳо на ба озод шудан аз асорати гуноҳ, балки ба мустақил шудан аз империяи Рум, ки кишвари онҳоро аз соли 63-юми пеш аз милод идора мекард, равона шуда буданд.

Худованд Исои Масеҳ бояд мисли подшоҳи яҳудиён зоҳир мешуд. Аммо ӯ наметавонист халқеро идора

* қавм — халқ

кунад, ки дар гуноҳ зиндагӣ мекард. Бинобар ин Яҳёи Ғӯтадиҳанда пештар фиристода шуд, то роҳи Худовандро тайёр карда, яҳудиёнро ба тавба даъват намояд.

Ана барои чӣ вай "тамоми кишвари атрофи Урдунро тай карда, таъмиди тавбаро барои омурзиши* гуноҳҳо мавъиза менамуд" (*Луқ.* 3:3). Яҳё халқро ба тавба даъват мекард, то ки онҳо омурзиши гуноҳҳоро ба даст оварда, сипас ошкоро тавбаи худро бо ғӯта тасдиқ кунанд.

Аммо вазифаи Яҳё бо ин маҳдуд намешуд. Мақсади вай аз он иборат набуд, ки гурӯҳи пайравони ғӯтахӯрдаро ба тарафи худ ҷалб намояд. Яҳё яҳудиёнеро, ки ба вай гӯш медоданд, таълим медод, то "самаре оваранд, ки сазовори тавба аст" (Мат. 3:8; *Луқ.* 3:8). Вай ба боҷгирони ғӯтахӯрда чунин мегуфт: "Бештар аз он чи барои шумо муқаррар шудааст, талаб накунед", яъне даъват мекард, ки аз халқ зиёдтар аз он андозе ки қонун муқаррар кардааст, гирифта нашавад. Ба сарбозони ғӯтахӯрда вай насиҳат медод, ки касеро озор надиҳанд, дар ҳаққи касе тӯҳмат накунанд ва ба маоши худ қаноат намоянд (*Луқ.* 3:12-14). Ғӯтаи Яҳё, ҳамин тавр, дигаргуншавии тарзи ҳаётро эълон мекард.

Яҳё ғӯтахӯрдагонро даъват мекард, ки "ба Он Касе ки баъд аз вай меояд, яъне ба Исои Масеҳ имон оваранд" (Аъм.19:4). Вай диққати онҳоро ба "Барраи Худо" равона мекард, ки "гуноҳи ҷаҳонро мебардорад" (Юҳ. 1:29, 36).

Инҷилнавис *Луқо* менависад: "...Тамоми мардум ва боҷгироне ки бо таъмиди Яҳё таъмид гирифта буданд,

---

* омурзиш — бахшидани гуноҳ

...Худоро ҳамду сано хонданд" (*Луқ.* 7:29). Ин нишон медиҳад, ки яҳудиёни тавбакарда, аз Яҳё ғӯта хӯрда, бо ин эътироф мекарданд, ки Худо онҳоро одилона гуноҳкор ҳисоб мекард. Онҳо бо баҳои Худо розӣ мешуданд.

Аммо фарисиён ва шариатдонон "иродаи Худоро дар ҳаққи худашон рад карданд, зеро аз вай таъмид нагирифтанд" (*Луқ.* 7:30). Онҳо ҳақиқатро оиди гуноҳкор будани худ рад намуда, дар асл Худоро дурӯғгӯй эътироф намуданд.

Ғӯтаи Яҳё дар чизе ба ғӯтаи масеҳиёна монанд аст. Аввалан, он азсаргузаронии даруниро дар бар мегирад, ва танҳо баъд шаҳодати амали беруниро. Дуюм, ин ғӯтаи обӣ буд (Юҳ. 1:26; 3:23; Аъм. 1:5; 11:16).

Аммо мо бояд фаҳмем, ки ғӯтае ки Яҳё мавъиза мекард, ғӯтаи масеҳӣ набуд. Ин дар Аъм. 19 нишон дода шудааст, ки дар он оиди сӯҳбати Павлус бо шогирдони Яҳё гуфта мешавад. Вақте вай фаҳмид, ки онҳо бовар карда, Рӯҳи Покро қабул накарданд, аз онҳо пурсид, ки дар чӣ ғӯта хӯрдаанд. Ва маълум шуд, ки шогирдон танҳо ғӯтаи Яҳёро хӯрда буданд. Павлус ба онҳо фаҳмонда дод, ки мувофиқи таълимоти Яҳё шогирдон бояд ба Исо бовар мекарданд, ва шогирдон бори дигар ғӯта хӯрданд, ин дафъа – ба номи Худованд Исо. "Ва ҳангоме ки Павлус дастҳои худро ба сари онҳо ниҳод, Рӯҳулқудс бар онҳо нозил шуд, ва ба *забонҳо* сухан ронда, нубувват карданд" (Аъм. 19:1-6).

Аз тамоми чизи дар боло зикршуда бармеояд, ки ғӯтаи Яҳё, ғӯтаи тайёркунанда ва муваққатӣ буд. Он бояд халқи Исроилро барои омадани Масеҳ тайёр мекард. Он исроилиёне ки тавба мекарданд, назди Яҳё ғӯта хӯрда, шогирдони вай мешуданд. Муваққатӣ

будани ғӯтаи мазкур аз он иборат буд, ки он танҳо аз давраи ибтидои хизматгузории Яҳё то рӯзи Пантикост ба амал оварда мешуд, яъне то замоне ки ба ивази он ғӯтаи масеҳӣ омад.

## Исо аз Яҳё ғӯта мехӯрад

Ба назари аввал чунин менамояд, ки ғӯтаи Исоро бояд ба боби пештара нисбат дод, зеро ӯ дар ҳақиқат аз Яҳё ғӯта хӯрд. Аммо агар мо ба хотир оварем, ки ғӯтаи Яҳё ғӯтаи тавба буд, Наҷотдиҳанда бошад ба тавба эҳтиёҷ надорад, зеро ӯ бегуноҳ аст,  он гоҳ мо мефаҳмем, ки ғӯтаи ӯ тамоман дигар хел буд, ва бинобар ин бояд алоҳида дида баромада шавад.

Исо тақрибан сисола буд, вақте барои ғӯта хӯрдан аз Ҷалил назди Урдун омад (Луқ. 3:23; Мат. 3:13). Мо намедонем, ки ӯ кадом масофаро тай намуд; баъзеҳо фикр мекунанд, ки  масофа қариб 100 километр буд.

Яҳё нахост Исоро ғӯта диҳад, зеро фикр мекард, ки вай худаш бояд аз Худованд ғӯта мехӯрд. Дар ҷавоби Исо маънои ҳақиқии ғӯтаи ӯ мавҷуд аст: “Алҳол бигзор; зеро ки моро лозим аст ҳар навъ адолатро ин тавр ба ҷо оварем” (Мат. 3:15). Агар мо маънои *“ба ҷо овардани ҳар навъ адолатро”* муайян кунем, он гоҳ мефаҳмем, ки барои чӣ Исоро ғӯта хӯрдан лозим омад. Биёед ин тавр муҳокима ронем.

1. Яҳё тамоми парҳезгорони Исроилро ба тавба даъват мекард. Исо чун исроилии парҳезгор ва росткор ба Сухани Худо итоат мекард. Ва агарчи гуноҳ надошта бошад ҳам, ӯ ба ин даъват ҷавоб дод.

2. Исо мехост бо бақияи халқе бошад, ки гуноҳкор будани Исроилро эътироф намуд. Ӯ ба одамоне ҳамдардии Худро зоҳир мекард, ки назди Худо гардан фуровarданд, ва якҷоя бо онҳо ғӯта хӯрда, нафрати Худро ба гуноҳ нишон дод.

3. Ғӯтаи Исо тимсоли ба ҷо оварда шудани "ҳар навъ адолат" дар салиби Ҷолҷолто буд. Худованд Исо ба обҳои марг фуромада, бунёде эҷод намуд, то ки Худо адолати худро вайрон накарда, гуноҳкоронро сафед карда тавонад. Мувофиқи ин тафсир, Исо чизи зеринро дар назар дошт: "Имкон деҳ, ки Ман инро ҳозир ба ҷо оварам, зеро дере нагузашта, Ман ба обҳои торики марг ғарқ шуда, тамоми ғазаби одилонаи Худоро, ки зидди гуноҳ аланга мезанад, бар худ мегирам, ва Наҷотдиҳандаи ҳамаи онҳое мегардам, ки ба Ман бовар доранд".

4. Мувофиқи шариати Паймони Куҳан каҳонат* дар сисолагӣ супорида мешуд (Хур. 29; Иб. 8). Бинобар ин Исо ба ин қонун низ риоят намуда, "ҳар навъ адолатро" ба ҷо овард. (Ғӯтаи Масеҳро пурра чун супоридани каҳонат шуморидан мумкин аст, зеро ғӯта нишонаи оғози хизматгузории ошкорои ӯ буд; ба Аъм. 1:22 нигаред).

Аз ҳамаи ин тафсирҳо кадомашро дуруст шуморидан мумкин аст? Ба фикри мо ҳақиқат танҳо

* каҳонат — коҳинӣ, рӯҳоният

аз як чиз иборат нест; ба андозаи маълум тамоми фарзияҳо дурустанд. Зиёда аз ин, ҳатто онҳо тамоми маъноҳои баёноти "ба ҷо овардани ҳар навъ адолатро"-ро фаро гирифта наметавонанд.

Вақте Исо ғӯта хӯрда, аз об баромад, Рӯҳи Худо дар шакли кабӯтар фурӯд омада, бар ӯ қарор гирифт (Мат. 3:16).

Ва дар ҳамон лаҳза овозе аз осмон нидо кард: "Ин аст Писари Маҳбуби Ман, ки ҳусни таваҷҷӯҳи (ризоятмандии) Ман бар ӯст".

Ҳамин тавр сӣ соли умри Исо дар Носира гузашт, ва бо шаҳодати осмонӣ хизматгузории Писари аҷиби Худо сар шуд.

## Ғӯтае ки шогирдони Исо медоданд

Пас аз он ки Исо хизматгузории ошкорои худро сар кард, назди ӯ барои ғӯта хӯрдан меомаданд. Аз оятҳои зерин чунин менамояд, ки ӯ шахсан шогирдонро ғӯта додааст: "Пас аз он Исо бо шогирдонаш ба сарзамини Яҳудо омад ва дар он ҷо бо онҳо сокин шуда, ғӯта медод" (Юҳ. 3:22), "Чун Исои Худованд дарёфт, ки ба гӯши фарисиён овозае расидааст, ки ӯ, назар ба Яҳё, бештар шогирд пайдо мекунад ва таъмид медиҳад..." (Юҳ. 4:1).

Аммо дар Юҳ. 4:2 гуфта шудааст, ки Исо Худаш ҳеҷ касро ғӯта надодааст, инро шогирдони ӯ мекарданд. Аз ҳамин сабаб, оятҳои пешина маънои онро доранд, ки ӯ ғӯтаро ба воситаи шогирдон медод.

Ғайр аз мисолҳои дар боло овардашуда, дигар шаҳодатҳо оиди ғӯта додани шогирдони Исо дар Навиштаҷот нест. Ба ақидаи аксари таҳқиқкунандаҳои

Китоби Муқаддас ин ғӯта бо ғӯтаи Яҳё монандии зиёд дорад. Онҳо ба чизҳои зерин ишора мекунанд:

1. Ғӯтаи ибтидоӣ барои яҳудиён муқаррар шуда буд. Худованд Исо дар он давра ба гӯсфандони гумшудаи хонадони Исроил муроҷиат мекард.

2. Шояд, ин ғӯтаи тавба буд, чунки Исо бо суханони зерин ба халқ муроҷиат мекард: "Тавба кунед, зеро ки Малакути Осмон наздик аст" (Мат. 4:17).

Аммо дар миёни ин ду ғӯта фарқҳои назаррас буданд: онҳое ки аз шогирдони Исо ғӯта мехӯрданд, пайравони Худованд, Масеҳ мешуданд, на пайравони Яҳёи Ғӯтадиҳанда.

## Дар марг дар Ҷолҷолто ғӯта хӯрдани Масеҳ

Чорум хели ғӯта, ки дар Паймони Навин зикр мешавад, – имтиҳони душвор дар Ҷолҷолто аст, вақте ки Худованд Исо гирифтори азобҳои дарднок ва марг шуд. Интизори онҳо буда, ӯ мегуфт: "Маро таъмиде дар пеш аст, таъмиде ки бояд биёбам; ва чӣ қадар дар изтироб ҳастам, то даме ки ин ба амал ояд!" (Луқ. 12:50). Роҳи заминии ӯ ба Ҷолҷолто наздик мешуд, ва Худованд Исо хоҳиш дошт, ки ин интизории душвор ниҳоят анҷом ёбад.

Бори дигар, дар бораи худи ҳамон ғӯта сухан ронда, ӯ аз Яъқуб ва Юҳанно пурсид: "Оё метавонед он

косаеро, ки Ман менӯшам, бинӯшед ва таъмидеро, ки Ман меёбам, биёбед?" Ба ӯ гуфтанд: "Метавонем". Ба онҳо гуфт: "Косаи Маро хоҳед нӯшид, ва таъмидеро, ки Ман меёбам, хоҳед ёфт; лекин имконияти дар тарафи росту чапи Ман нишастанатон дар дасти Ман нест, ки бидиҳам; ҷуз онҳое ки барояшон аз ҷониби Падари Ман муҳайё шуда бошад" (Мат. 20:22-23; Марқ. 10:38-40).

Шогирдонеро ки он ғӯтаеро гирифтанд, ки ӯ бо он ғӯта ёфта буд, уқубатҳо ва марг аз дасти одамон интизор буданд. Вақте Наҷотдиҳанда мегуфт: "Таъмидеро, ки Ман меёбам, хоҳед ёфт", ӯ маҳз ҳамин чизро гуфтан мехост.

Аммо дар айни замон танҳо ӯ ин ғӯтаро ёфта метавонист: танҳо Исо барои пӯшонидани гуноҳҳои мо мурда метавонист. Дар бораи ин ғӯта муаллифи Забур дар таронаи 41:8 пайғамбарона чунин мегӯяд: "Варта* вартаро бо овози шаршараҳои Ту даъват менамояд; ҳамаи туғёнҳо** ва мавҷҳои Ту бар ман гузаштааст".

*Маводи дарсро аз худ карда, Кори санҷишии 1-ро иҷро кунед. Ҷавобҳои худро бо ҷавобҳои дуруст, ки дар охири китоб оварда шудаанд, муқоиса намоед.*

*Сипас Кори имтиҳонии 1-ро иҷро кунед.*

* варта — ин ҷо: обҳои азим

* *туғён — мавҷ задан

КОРИ САНҶИШИИ 1

## Оё шумо ин маводро хуб аз худ кардед?

*Дар тарафи рости саҳифа ҳарфи Д-ро (баёноти дуруст) ё ҳарфи Н-ро (баёноти нодуруст) ба давра гиред:*

| | | |
|---|---|---|
| 1. Ғӯтаи Яҳё мувофиқи иродаи Худо ба ҷо оварда мешуд (с. 8). | Д | Н |
| 2. Дар ибтидо ғӯтаи Яҳё бо ҳамроҳ намудани ғайрияҳудиёни боваркарда ба дини яҳудӣ алоқаманд буд (с. 8). | Д | Н |
| 3. Чизи асосие ки Яҳёи Ғӯтадиҳанда дар бораи он сухан меронд, тавба буд (с. 8). | Д | Н |
| 4. Одамоне ки ба даъвати Яҳё ҷавоб доданд, аз вай ғӯта мегирифтанд. Яҳё аз онҳо хоҳиш мекард, то дар амал нишон диҳанд, ки ҳаёти онҳо дигаргун шудааст (с. 9). | Д | Н |
| 5. Ғӯтаи Яҳё ва ғӯтаи масеҳиёна ҳамон як чиз аст (с. 9). | Д | Н |
| 6. Худованд Исо мӯҳтоҷи он буд, ки аз Яҳё ғӯта гирад, зеро мавъизаи Яҳё дар ӯ ҳиссиёти тайёр набудан ба хизматгузории дар пеш истодаро ба вуҷуд овард (с. 10-11). | Д | Н |

7. Ғӯтаи Худованд дар Урдун тимсоли ғӯтаи ӯ дар марг дар Ҷолҷолто буд (с. 11). Д Н

8. Ҳангоми дар Урдун ғӯта хӯрдани Худованд ҳодисаи мӯъҷизаосо рӯй дод (с. 12). Д Н

9. Исо шахсан аз Яҳёи Ғӯтадиҳанда дида бештар одамонро ғӯта дода буд (с. 12). Д Н

10. Дар бораи ба обҳои марг фурӯ рафтани Худованд дар Заб. 41 пайғамбарона гуфта шудааст (с. 13-14). Д Н

*Ҷавобҳои дуруст дар охири китоб ҷойгиранд. Ин корро барои тафтиш ба мактаби ғоибона нафиристед.*

ДАРСИ ДУЮМ

# Ғӯтаи масеҳиёна

## Маънои ғӯтаи боваркардагон

Дар Паймони Навин ба ғӯтаи масеҳиёна, ё ғӯтаи боваркардагон диққати калон дода мешавад.

Бояд қайд намуд, ки ин ғӯта ҳам рӯҳонӣ ва ҳам ҷисмонӣ мебошад. Дар баъзе мавридҳо мо дар бораи ғӯтаи рӯҳонӣ дар марги Масеҳ мехонем, ки ҳангоми бовар кардан рӯй медиҳанд. Дар дигар мавридҳо бошад, дар бораи ғӯтаи ҷисмонӣ, яъне ғӯтаи обӣ, ки дар бораи ғӯтаи рӯҳонӣ шаҳодат медиҳад. Баъзан дар як вақт ҳам ин ва ҳам он дар назар дошта мешавад.

Ҳар ду маъно дар Рум. 6 дида баромада мешаванд, ки дар он оиди ғӯта тафсири пурратар дода мешавад. Ғӯта ин ҷо чун дафншавӣ тафсир мешавад, то ба боваркардагон хотиррасон кунад, ки аз сари нав гуноҳ кардан номумкин аст, зеро онҳо барои гуноҳ мурдаанд, ва ғӯта маҳз дар бораи ҳамин шаҳодат медиҳад. Хеле оқилона мебуд, агар мо далелҳои худро дар шакли баёнотҳои зерин изҳор мекардем:

1. Чун гуноҳкорон мо ба марг маҳкум шудаем. Табиати кӯҳнаи мо ниҳоят пургуноҳ аст. Худо аз ислоҳ кардани мо даст кашида, қарор дод, ки фарзандони гуноҳкори Одам бояд бимиранд. Ӯ ҳамаи онҳоеро, ки аз рӯи ҷисм зиндагӣ мекунанд, ба марг маҳкум намуд.

2. Албатта, агар мо ба маънои аслии калима мемурдем, он гоҳ гирифтори азобҳои абадӣ мешудем. Бинобар ин Худо Писари Худро фиристод, то ки ба ҷои мо мурад. Ин маънои онро дорад, ки ҳамон лаҳзае ки Худованд Исо дар салиб мурд, мо низ мурдем. Ӯ ҳамчун Ивазкунандаи мо мурд, ва ҳукми Худо бар табиати гуноҳолуду вайроншудаи одам нисбати Ӯ ба ҷо оварда шуд. Ва чуноне ки Масеҳ дар марг ғӯта хӯрд,ончунон ҳар касе ки ба Ӯ бовар дорад, дар назари Худо чун шахсе хоҳад буд, ки дар марг ғӯта хӯрдааст.

3. Дар Рум. 6 мо мехонем: "Ҳамаи мо, ки дар Исои Масеҳ таъмид ёфтаем, дар мамоти Ӯ таъмид ёфтаем... дар маъмоташ таъмид ёфта, бо Ӯ дафн шудаем... Мо дар мисоли мамоти Ӯ бо Ӯ пайванд шудаем... инсони кӯҳнаи мо бо Ӯ маслуб* шудааст".

4. Ба ғайр аз ин ҳеҷ чиз покии Худоро қонеъ гардонда наметавонад. Табиати гуноҳолуде ки хоси мост, бояд ба таври доимӣ аз назари Ӯ дур карда шавад. Чӣ тавр? Ба воситаи марг, ки маҳз дар Ҷолҷолто чун натиҷаи ҳукми қонунӣ амалӣ гашт.

5. Дар лаҳзаи наҷот мо бо марги Ӯ мемирем. Сипас бо ғӯтаи обии худ мо шаҳодат медиҳем, ки якҷоя бо Масеҳ мурдем, ва Худо дигар дар мо гуноҳкоронро намебинад.

---

* маслуб шудан — дар салиб мехкӯб шудан

6. Дар Рум. 6:4 оиди *дафн шудан* дар мамот гуфта мешавад. Сухан дар бораи *ғарқ шудан* дар мавҷҳои марг меравад. Баъдтар, дар Рум. 6:5 мо бо суханон оид ба мисоли мамоти (марги) ӯ вомехӯрем. *Мисол – тимсол* ё *монандӣ* аст. Ҳамин тавр, ғӯта ҳам тимсоли ғарқшавии Масеҳ дар марг, ҳам ғарқшавии мо якҷоя бо ӯ мебошад.

7. Агар маҷозан гӯем, одаме ки ба обҳои ғӯта фурӯ меравад, ҳаргиз ба ақиб барнамегардад. Маънои асосӣ дар он аст, ки мо дар назари Худо аз ҳоло ва то абад намояндагони на офариниши кӯҳна, балки офариниши нав ҳастем.

8. Албатта, ҳангоми ғӯтаи обӣ одам аз об мебарояд. Аммо ин аллакай рамзи офаридаи нав аст. "Ва акнун на ман зиндагӣ мекунам, балки Масеҳ дар ман зиндагӣ мекунад" (Ғал . 2:20). Мо аз об на барои он мебароем, ки ба гуноҳҳои кӯҳна баргардем, балки барои он ки ҳаёти навро ба сар бибарем.

9. Инак, мехонем: "Чунон ки Масеҳ бо ҷалоли Падар аз мурдагон зинда шуд, ончунон мо низ дар ҳаёти нав қадамгузор шавем. Зеро ки агар мо дар мисоли мамоти ӯ бо ӯ пайванд шуда бошем, дар мисоли эҳёи ӯ низ пайванд хоҳем буд. Зеро медонем, ки инсони кӯҳнаи мо бо ӯ маслуб шудааст, то ки ҷисми пургуноҳ ботил* гардад, ва мо дигар бандагони гуноҳ набошем" (Рум. 6:4-6).

* ботил гаштан — бекор карда шудан, маҳв карда шудан

10. Аз тамоми чизи зикршуда бармеояд, ки ғӯта дар бораи пайвандшавии мо бо Масеҳ дар марги ӯ шаҳодат медиҳад, ва ба ҳаёти нав, аниқтараш ба ҳаёти ӯ дар мо, ибтидо мебахшад. Дигар хел карда гӯем, бо ғӯтаи худ мо дар бораи он шаҳодат медиҳем, ки худро инкор намуда, Масеҳро дар бар кардаем (Ғал. 3:27).

## Ғӯта дар китоби Аъмол

Маънои рӯҳонии ғӯтаро дида баромада, ба тадқиқи иҷро шудани ин ҳукм дар даврони калисои якум мегузарем. Азбаски Китоби Аъмол тафсири илоҳии сирри ғӯта мебошад, бо таҳқиқи муфассали тамоми ҳолатҳои дар он тасвиршуда машғул мешавем.

Аввалин чизе ки мо дар ҷараёни омӯзиши масъалаи мазкур ошкор менамоем, фарқи мавҷуда дар аҳамият ва натиҷаҳои ғӯтаи одамони гуногунмиллат мебошад. Х. П. Баркер дар китоби худ "Хизматгори Масеҳ" дар Аъмол чор гурӯҳи боваркардагонро махсус қайд мекунад, ки барои ҳар яки онҳо бовар кардан ва ғӯтаи худ хос аст.

Ин чор гурӯҳи боваркардагон инҳоро дар бар мегирад: 1) яҳудиён (Аъм. 2:38-40), 2) сомариён (Аъм. 8:12-17), 3) ғайрияҳудиён (Аъм. 10:45,47-48), 4) шогирдони Яҳё (Аъм. 19:5).

Пайдарпайии рӯйдодҳоро, ки бо бовар кардан ва ғӯта хӯрдани онҳо алоқаманд аст, ба таври зерин нишон додан мумкин аст.

***Яҳудиён:***

1) дар аввал ба *тавба* даъват шуда буданд;
2) сипас ба *ғӯта хӯрдан* даъват шуда буданд;
3) ва аллакай пас аз ин *Рӯҳи Покро қабул карданд* (Аъм. 2:38).

***Сомариён:***

1) *Сухани Худоро қабул карданд* (Аъм. 8:14);
2) *ғӯта хӯрданд* (Аъм. 8:16);
3) ҳаввориён Петрус ва Юҳанно *дастҳои худро бар сари онҳо гузоштанд* (Аъм. 8:17);
4) *Рӯҳи Покро қабул карданд* (Аъм. 8:17).

***Ғайрияҳудиён:***

1) пеш аз ҳама *ба Сухани Худо гӯш медоданд,* ва сипас бовар кардан (Аъм. 10:44);
2) *Рӯҳи Покро қабул карданд* (Аъм. 10:44);
3) *ғӯта хӯрданд* (Аъм. 10:48).

***Шогирдони Яҳё:***

1) *суханони Павлусро* дар бораи Масеҳ *шуниданд* (Аъм. 19:5) ва онҳоро қабул карданд;
2) *ғӯта хӯрданд* (Аъм. 19:5);
3) Павлус *дастҳои худро бар сари онҳо гузошт* (Аъм. 19:6);
4) *Рӯҳи Покро қабул карданд* (Аъм. 19:6).

Бояд қайд кард, ки дар се маврид ғӯта *пеш* аз қабул кардани Рӯҳи Пок  ба ҷо оварда шуд ва танҳо дар як маврид (бо ғайрияҳудиён) аллакай *пас аз* нозил шудани Рӯҳи Пок ба амал омад. Дарҳол саволе ба миён меояд: “Барои чӣ дар Аъмол чунин фарқ ҳаст?”

## 1. Боваркардагони яҳудӣ

Дар бораи яҳудиён сухан ронда, бояд фаҳмид, ки дар Аъмол давраи гузариш дида баромада мешавад. Вақте масеҳият ба вуҷуд омад, дини яҳудӣ аз байн нарафта буд. Аниқтараш, ин давроне буд, ки як нависанда онро дақиқ замони "аз сина ҷудо кардани Яъқуб номид". Калисои ибтидоӣ, ки дар аввал аз боваркардагони яҳудӣ иборат буд, оҳиста-оҳиста аз рамзҳо ва маҷозҳои дини яҳудӣ ба нафъи воқеиятҳои бовари масеҳӣ даст мекашид.

Набояд фаромӯш кард, ки пас аз кушта шудани Масеҳ халқи Исроил аллакай дар назари Худо лутфи пештараро надошт. Суханон: "Хуни ӯ бар гардани мо ва фарзандони мо бошад" (Мат. 27:25) – дар осмон шунида шуданд, ва халқ ҷазо дид.

Акнун, вақте Инҷил ба яҳудиён мавъиза мешуд (Аъм. 2), ба онҳо гуфта шуд, ки барои пайдо кардани бахшоиши Рӯҳи Пок онҳо бояд ғӯта хӯранд. Бо ғӯтаи худ онҳо ошкоро аз халқи яҳуд, аз онҳое ки Худованди ҳаёт ва ҷалолро мехкӯб карданд, рӯй мегардонданд. Дигар хел карда гӯем, "худро аз ин насли каҷрав раҳо карданд" (Аъм. 2:40). Ғӯта рамзи ҷудо шудан аз гузашта ва оғози ҳаёти нав бо Масеҳ буд. Онҳо мавқеи масеҳиятро ишғол мекарданд. Ин маънои онро надорад, ки ғӯта барои наҷот зарур буд; танҳо бовар кардан роҳро ба баракатҳои Худо мекушояд. Ин танҳо маънои онро дорад, ки Худо наметавонист Рӯҳи Покро ба онҳое ки худро қисми халқи аз ҷониби ӯ маҳкумшудаи Исроил меҳисобиданд, фиристонад.

Қайд кардан муҳим аст, ки ду ояти аз ҳама душвор оиди ғӯта маҳз дар алоқамандӣ бо ҷамоати боваркардагони яҳудӣ вомехӯранд:

а) якум – Аъм. 2:38, ки дар он Петрус дар рӯзи Пантикост ба яҳудиён бо суханони зерин муроҷиат намуд: "Тавба кунед, ва ҳар яке аз шумо ба исми Исои Масеҳ *барои омурзиши гуноҳҳо таъмид бигиред,* ва атои Рӯҳулқудсро хоҳед ёфт";

б) дуюм – Аъм. 22:16, вақте Ҳанониё ба Шоул гуфт: "Пас, чаро таъхир* мекунӣ? Бархез ва *таъмид бигир ва* исми ӯро (Худовандро) хонда, *аз гуноҳҳои худ пок шав*".

*Ба назар чунин менамояд,* ки ҳар дуи ин оятҳо дар бораи он мегӯянд, ки бо обҳои ғӯта гуноҳҳоро пок кардан мумкин аст. Мо медонем, ки чунин маънидодкуниро дуруст шумурдан мумкин нест, чунки гуноҳро танҳо Хуни Худованд Исои Масеҳ, Писари Худо, пок карда метавонад (1Юҳ. 1:7).

Барои дуруст маънидод кардани ин оятҳо кӯшиш намуда, диққати худро ба он факт равона мекунем, ки дастуроти зикршуда танҳо ба яҳудиён дода шуда буданд. Ба ягон ғайрияҳудӣ дар бораи ғӯта хӯрдан барои пок кардани гуноҳҳо гуфта нашуда буд. Ва мо ба хулосае меоем, ки сухан танҳо дар бораи гуноҳҳои муайян рафта метавонад, дар бораи гуноҳҳое ки дар онҳо маҳз яҳудиён айбдоранд, - гуноҳҳо аз боиси рад кардани Худованд Масеҳ ва мехкӯбкунии ӯ. Маҳз барои омурзиши ин гуноҳҳо ғӯта нақши махсусро

* таъхир — дер кардан

мебозид. Вақте боваркардаи яҳудӣ ба исми Исои Масеҳ ғӯта мехӯрд, вай бо ин айби худро дар марги Исо эътироф мекард, ва ба тарафи Наҷотдиҳанда гузашта, иқрор мешуд, ки муносибатҳои нави вай бо Худо аз ҳудудҳои дини яҳудӣ берун мебароянд.

## 2. Сомариён

Акнун ба сомариён мегузарем. Чунонки аллакай гуфта шуда буд, онҳо танҳо пас аз он ки бовар карда, ғӯта хӯрданд ва ҳаввориён дастони худро ба сари онҳо гузоштанд, Рӯҳи Покро қабул карданд. Чаро дар ин маврид ғӯта ва дастгузорӣ талаб карда мешуд?

Ба фикри мо, ҷавоб чунин хоҳад буд: "То ки калисои ибтидоӣ ҷудо нашавад". Дар давоми асрҳо дар миёни сомариён ва халқи Исроил душманӣ буд. Зан дар назди чоҳ инро бо якчанд сухани аниқ баён намуд: "Яҳудиён бо сомариён муошират* надоранд" (Юҳ. 4:9). Аммо ин муносибатҳо набояд ба Калисо гузаронида шаванд!

Дар аввал калисои Ерусалим пурра аз боваркардаи яҳудӣ иборат буд. Аммо вақте ки Филиппус Хабари Хушро ба Сомария овард, халқ хурсандона суханони вайро қабул кард (Аъм. 8:5,8). Мушкилоте ба миён омад: оё муқобилати деринаи ду халқ ба бунёдшавии ду калисо – калисои яҳудӣ дар Ерусалим ва калисои Сомария дар қисми шимол – таъсир намерасонад? Ин ҳақиқатро оиди он ки тамоми боваркардагон дар Масеҳ як ҳастанд ва ҳама дар як Бадани Масеҳ ғӯта хӯрдаанд, ба зери шубҳаи ҷиддӣ мегузошт.

---

* муошират — рафтуомад, алоқамандӣ

Барои имкон надодан ба ҷудошавӣ дар аввали бунёдшавии Калисо Худо Рӯҳи Покро ба сомариён танҳо пас аз он фиристод, ки онҳо ғӯта хӯрда, ҳаввориён дастҳои худро бар сари онҳо гузоштанд. Ин ягонагии боваркардагони яҳудӣ ва боваркардаи сомариро – ягонагиро дар Исои Масеҳ – ифода мекард.

### 3. Ғайрияҳудиён

Ғайрияҳудиён бошанд, дарҳол пас аз он ки ба Масеҳ бовар карданд, Рӯҳи Покро қабул карданд. Баъд онҳо чун онҳое ки ба Худованд Исо бовар карданд, ғӯта хӯрданд (Аъм. 10:48).

Онҳое ки имрӯз ғӯтаро чун воситаи зарурии наҷот меҳисобанд, бояд дар назар дошта бошанд, ки дар рӯзҳои аввали Калисо ғайрияҳудиён Рӯҳи Покро ҳанӯз пеш аз ғӯта гирифта буданд.

### 4. Шогирдони Яҳё

Гурӯҳи чоруми боваркардагон дар Аъмол, яъне гурӯҳи на чандон калони шогирдони Яҳё, хусусияти хосе доранд. Ин одамон назди Яҳё ғӯтаи тавба гирифта буданд. Аммо онҳо ба Исо бовар надоштанд ва ҳатто дар бораи ато шудани Рӯҳи Пок чизе намедонистанд (Дар Аъм. 19:2 мехонем: «Ба онҳо гуфт: “Оё вақте ки имон овардед, Рӯҳулқудсро қабул кардед? Ба ӯ гуфтанд: “Ҳатто нашунидаем, ки Рӯҳулқудс вуҷуд дорад”».)

Пас аз мавъизаи Павлус дар бораи Масеҳ онҳо бовар карда, ба номи Худованд Исои Масеҳ ғӯта хӯрданд. Пас аз ин фириста дастони худро бар онҳо гузошт, ва онҳо Рӯҳулқусро қабул карданд.

Азбаски ин шогирдон, бешубҳа, яҳудиён буданд, онҳо бояд мисли он яҳудиёне ки дар рӯзи Пантикост ғӯта хӯрда, гузариши худро аз дини яҳудӣ ба бовари масеҳӣ ошкоро эътироф намуданд, ғӯта мехӯрданд. Сипас Павлус чун нишонаи он ки онҳо мисли боваркардагони дигар баракат ёфтаанд, дастони худро бар сарашон гузошт. Нозил шудани Рӯҳи Пок ҳавворияти Павлусро тасдиқ менамуд ва дар бораи он шаҳодат медод, ки тамоми боваркардагон дар як Бадан бо як Рӯҳ пайваст шудаанд.

## 5. Намуна барои замони мо

Агар мо аз пайи масъалае шавем, ки кадоме аз мисолҳои дар Китоби Аъмол овардашуда, дар айёми мо амал мекунад, ҷавоб, аз афташ, аз он иборат хоҳад буд, ки барои мо, боваркардагони муосир, худи ҳамон пайдарпайии рӯйдодҳо мувофиқ аст, ки ғайрияҳудиён доштанд, аниқтараш: бовар, қабул кардани Рӯҳи Пок, ғӯтаи обӣ.

Минбаъд, чунин меҳисобем, ки дастуроти махсус, ки ба яҳудиён, сомариён ва шогирдони Яҳё дода шуда буданд, таъсири худро гум карданд. Имрӯз, масалан, яҳудӣ метавонад Рӯҳи Покро на пас аз ғӯта, балки пас аз бовар кардан ба Исо қабул кунад. Сабаби ин он аст, ки дар даврае ки дар Аъмол дида баромада мешавад, Худо ҳанӯз бо яҳудиён чун бо халқ алоқаманд буд. Ӯ ҳанӯз бо халқи қадими Худ аз рӯи файз ва марҳамати

пуртоқати Худ буд. Дар охири Китоби Аъмол (28:28), мо мефаҳмем, ки вақте халқи яҳуд Хушхабарро рад намуд, Худо ба ғайрияҳудиён рӯй овард. Аз ҳамон вақт тамоми одамон дар як асос меистанд. Ҳама, бе ягон фарқ ва бартарии миллӣ, гуноҳкор ҳисоб мешаванд, ва ҳама бояд тавба карда, Инҷилро қабул кунанд.

Дастгузорие ки дар боло зикр шудааст, дар замони мо имконнопазир аст, чунки ҳеҷ кас худро фириста ба маънои аслии ин калима номида наметавонад.

Бинобар ин, имрӯз вазифа аз он иборат аст, ки тамоми одамон тавба карда, ба Инҷил бовар кунанд, ва пас аз ин онҳо дарҳол Рӯҳи Покро қабул хоҳанд кард. Сипас онҳо бояд чун рамзи ягонагӣ дар марг бо Масеҳ ва ҷуръати ба сар бурдани ҳаёти нав ғӯта хӯранд.

*Маводи дарсро аз худ карда, Кори санҷишии 2-ро иҷро кунед. Ҷавобҳои худро бо ҷавобҳои дуруст, ки дар охири китоб оварда шудаанд, муқоиса намоед.*

*Сипас Кори имтиҳонии 2-ро иҷро кунед.*

# Оё шумо ин маводро хуб аз худ кардед?

*Дар тарафи рости саҳифа ҳарфи Д-ро (баёноти дуруст) ё ҳарфи Н-ро (баёноти нодуруст) ба давра гиред:*

1. Боби 6-уми Нома ба Румиён (Рум. 6) боби асосӣ оид ба ғӯта дар Паймони Навин мебошад (с. 17). *Д* Н

2. Боваркарда бо Масеҳ дар марги ӯ дар салиб пайваст мешавад (с. 18). *Д* Н

3. Ғӯтаи обӣ фурӯравии Масеҳро ба марг ва фурӯравии моро бо ӯ ифода мекунад (с. 18). *Д* Н

4. Гуфтан мумкин аст, ки ғӯта ифодагари берунии ҳиссиёти дарунист (с. 19). *Д* Н

5. Пайдарпайии ҳодисаҳои бо ғӯта алоқаманд ҳам барои сомариён ва ҳам барои шогирдони Яҳё, ки Павлус бо онҳо дар Эфсӯс вохӯрд, баробар буд. (с. 20.) *Д* Н

6. Барои яҳудиён ғӯта шарти зарурии наҷот буд. (с. 22). *Д* Н

7. Мувофиқи китоби Аъмол, ҳамаи

ғайрияҳудиёни боваркарда бояд барои пок кардани гуноҳҳо ғӯта мехӯрданд (с.22). Д Н

8. Гузоштани даст бар сомариён барои он талаб карда мешуд, ки онҳоро ба гурӯҳи алоҳида дар даруни калисо ҷудо кунад (с. 23). Д Н
9. Имрӯз дар ҷои аввал бовар меистад, пас аз ин қабул кардани Рӯҳи Пок ва баъд ғӯта (с. 23). Д Н

10. Дастгузории ҳаввориён дар замони мо ба шарофати он имконпазир аст, ки дар калисо то ҳоло ҳавворион ҳастанд (с. 24). Д Н

*Ҷавобҳои дуруст дар охири китоб ҷойгиранд. Ин корро барои тафтиш ба мактаби гоибона нафиристед.*

ДАРСИ СЕЮМ

# Мушкилоти ғӯтаи масеҳиёна

## Дастурот дар бораи ғӯтаи масеҳиёна

Дар Паймони Навин ду порчаи асосан муҳим аст, ки дар он дастури дақиқ дар бораи ғӯтаи масеҳиёна дода мешавад. Порчаи якум – Мт. 28:19: "Пас, биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед".

Бояд қайд кард, ки ин ҷо ба одамони Инҷилро мавъиза мекарда дастуротро дар бораи ғӯта дода, Исо равшан дар назар дорад, ки таълимоти онҳо таълимотро дар бораи ғӯта низ дар бар мегирад.

Порчаи дуюм, Марқ. 16:16, ҷавобгариро барои ғӯтаи онҳое ки Хушхабарро қабул мекунанд, муқаррар менамояд. "Ҳар кӣ имон оварда, таъмид ёбад, наҷот хоҳад ёфт; лекин ҳар кӣ имон наоварад, маҳкум хоҳад шуд".

Чунин менамуд, ки ғӯта ин ҷо барои наҷот лозим аст. Чунин хулосаро тақрибан 150 ояти Паймони Навин рад мекунанд, ки дар онҳо ягона шарти наҷот ёфтан бовар кардан аст*. Чунин буда наметавонад, ки як ё ду порчае ки дар онҳо наҷот ба ғӯта вобаста аст, 150 порчаеро фишурда мебароранд, ки ба шахсони боваркарда ҳаёти ҷовидониро ваъда медиҳанд.

Мо фикр мекунем, ки дар Марқ. 16:16 дар бораи он гуфта мешавад, ки ғӯта ба тарзи табиӣ аз пайи бовар

* Chafer L. S. Systematic Theology (Dallas: Dallas Seminary Press, 1948), Vol. III, p. 376.

кардан меояд. Вақте Худованд Исо мегуфт: "Ҳар кӣ имон оварда, таъмид ёбад", ӯ танҳо пайдарпайии амалҳоро тасвир менамуд.

Ҳамаи онҳое ки бовар карданд, бояд ғӯта мехӯрданд. Аммо ғӯта онҳоро наҷот намедиҳад. Инро қисми дуюми оят тасдиқ мекунад: "Ҳар кӣ имон наоварад, маҳкум хоҳад шуд". Бовар шарти асосии наҷот ёфтан аст, ғӯта бошад – гувоҳии берунии бовар.

## Ба номи кӣ бояд ғӯта хӯрд (формула)

Дар Супориши Бузург гуфта шудааст, ки ғӯта бояд ба номи Падар ва Писар ва Рӯҳи Пок ба ҷо оварда шавад (Мат. 28:19). Аммо дар Аъмол гуфта мешавад, ки сомариён ба номи Худованд Исои Масеҳ ғӯта хӯрда буданд (Аъм. 8:16).

Баъзеҳо ба чунин хулоса меоянд: азбаски ҳодисаи дар Аъмол тасвиршуда аз ҳодисаи дар Матто зикршуда дертар рӯй дод, пас ғӯтаро бояд танҳо ба номи Исо ба ҷо овард, на ба номи Ягонагии Сегонаи Пок.

Лекин чунин нуқтаи назар асоснок нест, зеро ин оятҳо ба якдигар асло мухолиф нестанд. Формула дар Матто он чиро, ки дар Аъмол зикр шудааст, дар бар мегирад. Бинобар ин формулаи Матто нодуруст буда наметавонад.

## Тарзи ғӯта

Зарурат надорад, агар мо бори дигар дар бораи мавҷуд будани ду нуқтаи назари гуногун оиди ғӯта

хотиррасон намоем. Ҷамоати масеҳиён тез ба ду гурӯҳ тақсим шуд, ки дар яке аз онҳо ба воситаи пошидан ғӯта медоданду дар дигараш ба воситаи фурӯравӣ дар об.

Онҳое ки ба воситаи пошидани об ғӯта медиҳанд, одатан ғӯта бо обро чун тимсоли ғӯта бо Рӯҳ маънидод мекунанд. Гуфтан душвор аст, ки чунин тахмин дар чӣ асос ёфтааст, зеро дар Навиштаҳо гуфта намешавад, ки ғӯтаи масеҳиёна тимсоли ғӯтаи рӯҳонист. Ғӯта бо Рӯҳ боваркардагонро дар як Бадани Масеҳ пайваст менамояд (1Қӯр. 12:13), дар ҳоле ки ғӯта бо об алоқамандиро ба марги Масеҳ ифода менамояд.

Дар Навиштаҳо оиди он ки ғӯта бояд ба воситаи ғӯтахӯрӣ ба ҷо оварда шавад, супоришҳои махсус дода нашудаанд, аммо барои тасдиқи ин усул ба дараҷаи кофӣ далелҳои зиёди асоснок вуҷуд доранд.

1. Маънои асосии калимаи "ғӯта" дар забони аслии Паймони Навин "ғӯтахӯрӣ" мебошад. Дар забони юнонӣ калимаҳои алоҳида ҳастанд, ки "обпошӣ" ва "обрезӣ"-ро ифода мекунанд, аммо онҳо ҳаргиз дар алоқамандӣ бо ғӯта истифода бурда намешаванд.

2. Ҳангоми тасвири ғӯта пешояндҳои "ба" ва "аз" кор фармуда мешаванд. Онҳо на ба обпошӣ ё обрезӣ, балки ба фурӯравӣ мувофиқ меоянд. Пас аз ғӯтаи Худ Исо "дарҳол *аз об* баромад" (Мат. 3:16). Дар мавриди ғӯта хӯрдани хоҷасаро* аз ҷониби Филиппус чунин гуфта мешавад: "*ва ҳар*

* хоҷасаро — шахси ахташуда, ки дар дарбор хизмат мекунад.

*ду,* Филиппус ва хоҷасаро, *ба об фуромаданд;* ва ӯро таъмид дод... *аз об баромаданд"* (Аъм. 8:38-39).

3. Порчаҳои дигар низ дар бораи ғӯтаи ба об фурӯ рафтан шаҳодат медиҳанд. Масалан, "Ва Яҳё низ дар Энӯн, ки дар наздикии Солим аст, таъмид медод, чунки *дар он ҷо об бисёр буд"* (Юҳ. 3:23). Барои обпошӣ ё обрезӣ миқдори зиёди об лозим нест.

4. Ғӯтахӯрӣ хеле аниқтар дафншавиро бо Масеҳ дар марг ва ҷудошавиро аз ҳаёти пештара тасвир менамояд. Инро ба воситаи обпошӣ ва обрезӣ тасвир намудан душвор аст.

5. Яҳудиён навмазҳабонро (прозелитҳоро) ба воситаи ғӯтахӯрӣ ғӯта медоданд. Фарз кардан табиист, ки ғӯтаи масеҳиёна, ки бо ғӯтаи яҳудӣ ба воситаи хизматгузории Яҳёи Ғӯтадиҳанда алоқаманд аст, худи ҳамин хел буд.

6. Таърихшиносони Китоби Муқаддас дар он чиз ҳамфикранд, ки дар Калисои ибтидоӣ ғӯта ба воситаи ғӯтахӯрӣ ба ҷо оварда мешуд. Инро ҳам Калвин ва ҳам онҳое ки обпошӣ ва обрезиро истифода мебурданд, эътироф мекарданд. Ҳатто илоҳиётшиносони католикӣ ба он тахмин роҳ медиҳанд, ки таҷрибаи ғӯтадиҳии онҳо бо ғӯтае ки масеҳиёни аввалин медоданд, мувофиқ нест.

7. Дар Румиён 6 ғӯта ба воситаи ғӯтахӯрӣ дар назар дошта мешавад. Илоҳиётшиносон Конибер ва

Хоусон чунин мешуморанд, ки “порчаи мазкурро фаҳмидан номумкин аст, агар инкор кунӣ, ки дар давраҳои қадим ғӯта ба воситаи ғӯтахӯрӣ ба ҷо оварда мешуд”.

## Ғӯта ва хатна

Дар баъзе ҷамоатҳои масеҳӣ фикри он васеъ паҳн шудааст, ки ғӯта ба ивази хатнаи Паймони Куҳан омад, ва азбаски дар Паймони Куҳан тамоми тифлон хатна мешуданд, пас тифлонро ғӯта низ додан лозим буд. Чунин нуқтаи назар ба Қӯл. 2:11-12 такя мекунад: “Ва дар ӯ шумо махтун* шудаед, вале на ба хатнае ки бо дасти одамизод сохта шудааст, балки ба хатнаи Масеҳ, ки ҷисми башариро канор мегузорад, ки бо ӯ дар таъмид дафн шудаед ва дар ӯ аз мурдагон зинда шудаед ба василаи имон ба қуввати Худо, ки ӯро аз мурдагон зинда кард”.

Истифода бурдани ин порча чун далел ба манфиати ғӯтаи тифлон нишондиҳандаи набудани шаҳодатҳои Китоби Муқаддас аст. Дар оятҳои мазкур марги Исо дар Ҷолҷолто “хатнаи Масеҳ” номида мешавад. Тамоми бовардорон ба воситаи ин хатна бо ӯ алоқаманд ҳастанд. Дар Масеҳ мо “махтун шудаем, вале на ба хатнае ки бо дасти одамизод сохта шудааст”. Мо якҷоя бо ӯ мурдаем. Азбаски Худованд барои гуноҳ мурдааст, мо низ барои гуноҳе мурдаем, ки ба ҳаёти мо таъсири асосӣ мерасонад. Хатнаи (марги) ӯ хатна кардани тамоми чизеро ифода мекунад, ки аз рӯи ҷисм дар мо буд. Ба “ман”-и дубора таваллуднашудаи

* махтун - хатнашуда

мо, “ки ҷисми башариро канор мегузорад”, ҳукм бароварда мешавад.

Ғӯта рамзи чунин пайвастшавӣ бо Масеҳ дар марги ӯ мебошад. Мо “дар мамоташ ғӯта ёфта, бо ӯ дафн шудаем”. Чунон ки хатна марги ҷисмро ифода мекунад, ончунон ғӯта марги моро ҳамчун гуноҳкор ифода менамояд.

Аммо бо марги ҷисм ҳаёт қатъ намешавад! Фириста Павлус баъдтар мегӯяд: “... дар ӯ зинда шудаед ба василаи имон ба қуввати Худо, ки ӯро аз мурдагон зинда кард”.

Дигар хел карда гӯем, мо барои гуноҳ, ҷисм ва “ман”-и худ мурдем, то ки барои Худо зиндагӣ кунем. Пас аз марг ҳаёт сар мешавад, аммо на он ҳаёте ки пештар буд. Ин ҳаёти абадӣ аст, яъне ҳаёт дар Масеҳ.

Пас аз таҳлили муфассали порчаи мазкур аён мешавад, ки ғӯтаи тифлон ба воситаи пошидани об, ба ҳеҷ ваҷҳ бо он мувофиқ намеояд. Ҳақиқатҳои дар он ҷо овардашударо танҳо нисбати онҳое истифода бурдан мумкин аст, ки ба воситаи амали муайяни бовар кардан Исои Масеҳро чун Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ қабул карданд, ва бо ҳамин дар хатнааш, яъне дар маргаш дар салиб, бо ӯ пайваст шудаанд.

## Ғӯта барои мурдагон

Дар 1Қӯр. 15:29, аз афташ, оятҳои хеле нофаҳмо оиди ғӯта ҳастанд: “Вагарна, онҳое ки барои мурдагон таъмид меёбанд, чӣ хоҳанд кард? Агар мурдагон мутлақо зинда намешуда бошанд, чаро барои мурдагон таъмид меёбанд?”

Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки дар Калисои ибтидоӣ дар миёни боваркардагон одати ғӯта гирифтан барои мурдагони ғӯтанахӯрда вуҷуд дошт. Аммо мо на шаҳодатҳои таърихии чунин таҷрибаро дорему на ишораҳои Китоби Муқаддасро ба он.

Тафсири ин порчаи мураккаб ҳар гуна ки набошад, он бояд бо матни боб мувофиқ ояд. Мавзӯи боби 15-и номаи Якум ба Қӯринтиён аз мурдагон зинда шудани ҷисм аст. Пас аз фаҳмондани он ки агар баъд аз марг ҳаёт набошад, бо умед ба мукофоти оянда ин қадар қурбонӣ кардани масеҳиён беақлона мебуд, Павлус дар муҳокимаҳои худ ба онҳое мегузарад, ки ҷони худро барои Худованд Исо фидо карданд. Фириста шумораи зиёди масеҳиёнеро ба ёд меоварад, ки бо эътирофи ошкори Масеҳ дар ғӯтаи худ гирифтори озмоишҳои сахт ва марги пуразоб шуданд. Онҳо ба дарё фуромада, ғӯта мехӯрданд, ва дарҳол иблис ғазаби худро бар онҳо фурӯ мерезонд. Рӯзи дигар бошад онҳоро то дами марг сангсор мекарданд.

Оё ин боиси аз ғӯта даст кашидани дигарон мешуд? Не, ҷараён давом меёфт, ва боваркардагони нав барои мурдагон ғӯта хӯрда, ҷои онҳоро мегирифтанд.

Аммо агар эҳё (растохез) намебуд, он гоҳ барои мурдагон *ғӯта хӯрда,* мисли сарбозон дар ҷанг, худро ҳар соат гирифтори хатари марговар кардан аблаҳона мебуд.

Ҳамин тавр, мо ба хулосае меоем, ки ғӯта барои мурдагон ғӯтаи навбоваронеро ифода мекунад, ки ҷои риёзаткашон* барои Масеҳро мегирифтанд. Агар растохези мурдагон намебуд, он гоҳ ин гуна рафтор бемаъно мебуд.

* риёзаткаш — шахсе ки ба хотири бовар бо азоб кушта шудааст.

*Маводи дарсро аз худ карда, Кори санҷишии 3-ро иҷро кунед. Ҷавобҳои худро бо ҷавобҳои дуруст, ки дар охири китоб оварда шудаанд, муқоиса намоед.*

*Сипас Кори имтиҳонии 3-ро иҷро кунед.*

КОРИ САНҶИШИИ 3

## Оё шумо ин маводро хуб аз худ кардед?

*Дар тарафи рости саҳифа ҳарфи Д-ро (баёноти дуруст) ё ҳарфи Н-ро (баёноти нодуруст) ба давра гиред:*

1. Ғӯтаи боваркардагон қисми Супориши бузург дар Мат. 28:19 мебошад (с. 28). Д Н

2. Мавъизагарони Инҷил бояд аз зикр дар бораи ғӯта дурӣ ҷӯянд (с. 28). Д Н

3. Дар Марқ. 16:16 аниқ гуфта мешавад, ки онҳое ки ғӯта нагирифта мурданд, нобуд шудаанд (28). Д Н

4. Дар Паймони Навин қариб 150 оят ҳаст, ки дар онҳо оиди наҷот ба воситаи бовар гуфта мешавад (с. 28). Д Н

5. Аз даҳ маврид дар нӯҳтояш ғӯта дар Паймони Навин танҳо ба номи Худованд Исо ба ҷо оварда мешуд (с. 29). Д Н

6. Дар асоси Паймони Навин хулоса баровардан мумкин аст, ки ғӯта бояд ба воситаи ғӯта хӯрдан (фурӯравӣ ба об) ба ҷо оварда шавад (с. 29). Д Н

7. Дар Паймони Навин равшан нишон

дода шудааст, ки Филиппус хоҷасароро ба воситаи пошидани об ғӯта додааст (с. 30). Д Н

8. Қӯл. 2:11-12 ғӯтаро ба хатна баробар карда, барои ғӯтаи тифлон асос медиҳад (с. 31). Д Н

9. Китоби Муқаддас ғӯта барои мурдагонро исроркорона тавсия мекунад (с. 33). Д Н

10. Ғӯта марги моро чун гуноҳкорон ва оғози ҳаётро барои Худо ифода мекунад (с. 32). Д Н

*Ҷавобҳои дуруст дар охири китоб ҷойгиранд. Ин корро барои тафтиш ба мактаби ғоибона нафиристед.*

ДАРСИ ЧОРУМ

# Оё ғӯта наҷот медиҳад?

Сухан дар бораи ғӯта нопурра мебуд, агар мо он масъаларо ба назар намегирифтем, ки оё ғӯта наҷот медиҳад. Шахсонеро ки ғӯтаро барои наҷот ёфтан зарурӣ мешуморанд, ба ду гурӯҳи калон тақсим кардан мумкин аст:

1) гурӯҳи якум бовар мекунад, ки пошидани об ба кӯдакон онҳоро "узвҳои бадани Масеҳ, фарзандони Худо ва ворисони Малакути (Подшоҳии) Худо" мегардонад;

2) гурӯҳи дуюм фикр мекунанд, ки барои дубора таваллуд шудан шахсони ба Исо боваркарда бояд ғӯта хӯранд.

Хато будани фикр дар бораи наҷот ёфтани тифлон ба воситаи ғӯта аз мулоҳизаҳои зерин аён аст:

1. Дар Паймони Навин ягон ояте нест, ки ин нуқтаи назарро тасдиқ кунад. Ишораҳои аниқ нест, ки ғӯтаи тифлон ягон вақт ҷой дошт. Паймони Навин танҳо дар бораи ғӯтаи боваркардагон шаҳодат медиҳад. Баъзан барои исбот кардани зарурияти ғӯтаи тифлон иқтибос аз Инҷили Марқӯс (Мар. 10:13-16) оварда мешавад: «Кӯдаконро назди ӯ меоварданд, то ки онҳоро ламс кунад; лекин шогирдон ба оварандагон монеъ мешуданд. Чун

Исо дид, дарғазаб шуда, гуфт: “Кӯдаконро бигзоред, ки назди Ман оянд, ва ба онҳо монеъ нашавед, зеро Малакути Худо ба чунин касон тааллуқ дорад. Ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ Малакути Худоро монанди кӯдак қабул накунад, ба он дохил намешавад” Ва онҳоро ба оғӯш кашид ва даст ба онҳо ниҳода, дуои хайр кард». Чарлз Сперҷен дар ин бора хеле хирадмандона гуфтааст, “Сухани Худоро, чунон ки навишта шудааст, хонед, ва шумо дар он ҷо ягон зикри обро намебинед, танҳо Исо”.

2. Таълимот дар бораи он ки ғӯта тифлонро наҷот медиҳад, Худоро бадкори беинсофе мегардонад, ки тифлони нотавонро танҳо аз он сабаб ба азобҳои дӯзах маҳкум менамояд, ки волидон ба онҳо пеш аз марг об напошиданд.
   “Дар ин ҳолат Худо дар пеши назари мо чӣ гуна аст? Беинсоф, дилнокаш ва золим, ки тифлони беайб ва бепаноҳро ҷазо медиҳад. Ситамгар ва ноустувор, ки тайёр аст, то қисмати моро аз боиси якчанд қатраи об, ки якҷоя бо суханони ҷодугарона ба мо пошида шудааст, тағйир диҳад”*.

3. Маълум мешавад, ки об наҷот медиҳад, на Худованд Исо. Ӯ бошад гуфтааст: “Ман роҳ ... ҳастам” (Юҳ. 14:6).

* Anderson, Sir Robert, The Bible or the Church (London: Pickering and Inglis), p. 110.

4. Аз ин бармеояд, ки Масеҳ беҳуда мурдааст. Агар тифлон ба воситаи якчанд қатраи об наҷот ёфта метавонистанд, пас барои чӣ Худованд Исо худро ба марг супурд?

5. Ниҳоят, чунин нуқтаи назар худро сафед накардааст. Бисёр одамон, ки дар кӯдакӣ ғӯта хӯрда буданд, бо ҳаёти минбаъдаи худ исбот намуданд, ки ҳаргиз аз олами боло таваллуд нашуда буданд.

Агар сухан дар бораи таълимот оиди он равад, ки танҳо як бовар кофӣ нест, ва барои наҷот ғӯтаи обӣ лозим аст, он гоҳ ба чизҳои зерин таваҷҷӯҳ мекунем.

1. Маълум мешавад, ки азобҳои Худованд Исо дар салиб барои наҷот кофӣ набуданд, ва ҳангоме ки Исо чунин нидо кард: "Иҷро шуд!", дар асл ин рӯй надод, зеро назарияи мазкур ғӯтаро иловаи зарур барои наҷот меҳисобад.

2. Агар ғӯта барои наҷот зарур бошад, он гоҳ хеле аҷоиб аст, ки Худованд шахсан ҳеҷ касро ғӯта нададааст. Оиди ин Юҳ. 4:1-2 шаҳодат медиҳад, ва дар он гуфта мешавад, ки Худованд ҳеҷ касро ғӯта нададааст, балки инро ба шогирдони Худ супориш медод.

3. Фириста Павлус Худоро ташаккур мегуфт, ки танҳо баъзе қӯринтиёнро ғӯта додааст (1Қӯр. 1:14-16). Розӣ шавед, ки ин аҷоиб мебуд, агар ғӯта барои наҷот зарур мебуд. Он ҳақиқат, ки Павлус

ғӯта медод, гувоҳи он аст, ки вай ғӯтаро аз рӯи бовар мавъиза мекард. Аммо шумораи каме ки Павлус ғӯтаашон дода буд, нишон медиҳад, ки вай ғӯтаро чун шарти асосии наҷот намеҳисобид.

4. Роҳзани дар салиб овехташуда ғӯта надошт, аммо бо вуҷуди ин ба вай ваъда дода шуд, ки бо Масеҳ дар биҳишт хоҳад буд (Луқ. 23: 43).

5. Ғайрияҳудиёни наҷотёфта, ки аз аҳли Қайсария буданд (Аъм. 10:44), ҳангоми бовар карданашон Рӯҳи Покро қабул карданд. Ин маънои онро дорад, ки аз ҳамон лаҳза онҳо аллакай ба Масеҳ тааллуқ доштанд (Рум. 8:9). Рӯҳи Покро қабул карда, яъне аллакай наҷот ёфта, онҳо ғӯта гирифтанд (Аъм. 10:47-48). Аз ҳамин сабаб, ғӯта барои наҷоти онҳо зарур набуд. Аввал онҳо наҷот ёфтанд, ва пас аз ин ғӯта хӯрданд.

6. Ғӯта дар Паймони Навин доимо бо марг алоқаманд аст, на бо растохези рӯҳонӣ.

7. Чунон ки аллакай дар боло зикр шуда буд, қариб 150 ояти Паймони Навинро, ки мувофиқи шаҳодати онҳо наҷот танҳо ба воситаи бовар имконпазир аст, бо оятҳои ҷудогонае наметавон муқоиса кард, ки дар онҳо, чунон ки метавонад *ба назар намояд*, дар бораи он гуфта мешавад, ки барои наҷот ғӯта лозим аст.

Аз ин якчанд оят мо аллакай ду порчаро муҳокима намудем (Марқ. 16:16 ва Аъм. 22:16). Дигар оятҳоро низ меоварем.

1. Юҳ. 3:5: «Исо ҷавоб дод: “Ба ростӣ, ба ростӣ ба ту мегӯям: кас агар аз об ва Рӯҳ таваллуд наёбад, ба Малакути Худо даромада наметавонад”».

2. Эф. 5:25-26: “...чунон ки Масеҳ низ ба Калисо муҳаббат дошт ва Худро аз барои он таслим намуд, то ки онро ба ғусли* об пок карда, ба воситаи калом тақдис намояд”.

3. Тит. 3:5: “ӯ моро на бар тибқи аъмоли одилонае ки мо мекардем, балки ба ҳасби марҳамати Худ наҷот дод, ба василаи ғусли таваллуди дубора ва таҷдиде** ки аз Рӯҳулқудс аст”.

4. 1 Пет. 3:21: “Ва тимсоли он таъмид аст, ки на шустани нопокии ҷисм, балки ба зимма гирифтани виҷдони пок аст ба ҳузури Худо, ки ҳоло моро низ ба воситаи эҳёи Исои Масеҳ наҷот медиҳад”.

## Таҳлили Юҳ. 3:5

Ҳангоми аз назар гузарондани порчаи якум бояд чизҳои зеринро ба назар гирифт:

---

* ғусл — шустушӯй

**таҷдид — навшавӣ

1. Исо дар бораи “таваллуд аз об” мегуфт, на дар бораи “таваллуд аз таъмид” (ғӯта). Дар он замон фаҳмиши ғӯтаи масеҳӣ ҳанӯз истифода намешуд, ва Ниқӯдимус дар бораи он дониста наметавонист.

2. Дар Юҳ. 7:38-39 он ҳақиқат тасдиқ мешавад, ки об ҳатман оби ҳақиқиро ифода намекунад: “Ҳар кӣ ба Ман имон оварад, чунон ки дар Навиштаҳо гуфта шудааст, *аз* батни *вай* наҳрҳои оби ҳаёт ҷорӣ хоҳад шуд. Ин суханро ӯ дар бораи Рӯҳ гуфт...”. Дар мисоли мазкур Худованд дар зери калимаи “об” Рӯҳи Покро дар назар дошт.

   Боз ба Юҳ. 3:5 баргашта, гуфтан мумкин аст, ки дар ин порча низ калимаи “об” ба Рӯҳи Пок тааллуқ дорад. Калимаи “ва” дар ифодаи “ва Рӯҳ” метавонад чун “яъне” тарҷума шавад. Ҳамин тавр, ояти мазкурро дигар хел гуфтан мумкин аст: “кас агар аз об, яъне аз Рӯҳ таваллуд наёбад, ба Малакути Худо даромада наметавонад”».

   Оятҳои навбатӣ, Юҳ. 3:6-8, фарзияи онро, ки сухан танҳо дар бораи таваллуд аз Рӯҳ меравад, тасдиқ мекунанд, зеро дар он ҷо боз дар бораи “таваллуд аз Рӯҳ” гуфта мешавад.

3. Об дар Паймони Навин ҳамчунин тимсоли Сухани Худост, ва истифодаи ин маъно дар порчаи тадқиқшаванда умуман пурра бо Китоби Муқаддас мувофиқат мекунад. Дар ҳар мавриди бовар кардани самимӣ Сухани Худо ҳузур дорад. Фириста Петрус шаҳодат медиҳад: “Ҳамчун касоне

ки аз нав ба вуҷуд омадаед на аз тухми фонӣ, балки аз тухми бефано, ба василаи каломи Худо, ки зинда аст ва то абад боқист" (1Пет. 1:23).

Павлус ҳамчунин дар бораи Сухан чун дар бораи асбоби наҷот мегӯяд: "... то ки онро ба ғусли об пок карда, ба воситаи калом тақдис (пок) намояд" (Эфс. 5:26).

Худованд Исо Худаш дар бораи сифати поккунандаи Сухан гуфта буд: "Шумо алҳол ба воситаи каломе ки ба шумо гуфтам, пок ҳастед" (Юҳ. 15:3). Бинобар ин, вақте Наҷотдиҳанда гуфтааст: "кас агар аз об ва Рӯҳ таваллуд наёбад... ", ӯ комилан метавонист он чиро дар назар дошта бошад, ки оиди он якчанд маротиба дар Навиштаҷот гуфта шудааст, яъне тavваллуд аз олами боло *ба воситаи* Рӯҳи Пок *ба васила*и Сухан ба амал оварда мешавад.

4. Дар Юҳ. 3:8 Масеҳ оиди таваллуд аз олами боло чун дар бораи ҳодисае мегуфт, ки онро пешакӣ пай бурдан номумкин аст. Дар ғӯта бошад ягон чизи пешгӯинашаванда нест: рӯз ва соатро пешакӣ муқаррар кардан мумкин аст. Аммо ин ба таваллуди дубора дахл надорад. Дар ин ҷо танҳо Рӯҳи Пок амал менамояд.

5. Пас дар ин маврид таваллуд аз об ва Рӯҳ чӣ маъно дорад?
Нишон додан мушкил нест, ки ин маънои ба Худованд Исо бовар карданро дорад.

Дар Юҳ. 3:5 ҳаёти ҷовидонӣ ба воситаи таваллуд аз об ва Рӯҳ муайян карда мешавад.

Дар Юҳ. 3:15-16, 18, 36 ҳаёти ҷовидонӣ вобастаи бовар ба Писари Худост.

Азбаски чизҳои ба ҳамон як чиз баробар, ба ҳамдигар баробаранд, он гоҳ таваллуди дубора ҳамон вақт ба амал меояд, ки гуноҳкор ба Исои Масеҳ бовар мекунад.

6. Чарлз Сперҷен дуруст қайд намуда буд: "Шумо метавонед одамро муддати дуру дароз дар ҳаммом нигоҳ доред, аммо наметавонед вайро "узви Бадани Масеҳ" гардонед; метавонед вайро дар зери об аз уқёнуси Атлантика гузаронед, аммо ҳатто агар вай пас аз чунин ғӯтахӯрӣ зинда монад, як зарра ҳам беҳтар намешавад. На ғӯта, балки Масеҳ дар аст. Агар шумо ба Масеҳ бовар доред, он гоҳ узви Калисои ӯ ҳастед. Агар шумо ба Масеҳ, ба роҳи бузурги наҷоти Худо умед бастаед, он гоҳ шаҳодат доред, ки шумо ҳанӯз пеш аз таъсиси ҷаҳон пешакӣ интихоб шудаед,– ва ин бовhouseholdаратон ба шумо тамоми бартариҳоеро медиҳад, ки Масеҳ ба тамоми боваркардагон дар Суханаш ваъда кардааст"*.

*Маводи дарсро аз худ карда, Кори санҷишии 4-ро иҷро кунед. Ҷавобҳои худро бо ҷавобҳои дуруст, ки дар охири китоб оварда шудаанд, муқоиса намоед.*

*Сипас Кори имтиҳонии 4-ро иҷро кунед.*

* Spurgeon C. H., *Sermons Preached at the Metropolitan Tabernacle* (London: Funk & Wagnalls), Vol. XI, p. 42.

КОРИ САНҶИШИИ 4

## Оё шумо ин маводро хуб аз худ кардед?

*Дар тарафи рости саҳифа ҳарфи Д-ро (баёноти дуруст) ё ҳарфи Н-ро (баёноти нодуруст) ба давра гиред:*

1. Дар Паймони Навин якчанд мисоли ғӯтаи кӯдакон ҳаст (с. 36). Д Н

2. Камаш 150 ояти Паймони Навин таълимотро дар бораи ғӯтаи тифлон тасдиқ мекунад (с. 36). Д Н

3. Мисолҳои ғӯтаи масеҳӣ, ки дар Паймони Навин зикр шудаанд, дар бораи ғӯтаи одамони боваркарда шаҳодат медиҳад (с. 36). Д Н

4. Оятҳои Марқ. 10:13-16 хеле мураккаб ҳастанд, чунки метавонанд намунаи ғӯтаи тифлон бошанд (с. 36). Д Н

5. Далели қавие ки ғӯтаи тифлонро тасдиқ мекунад, натиҷабахш будани он аст (с. 37). Д Н

6. Павлус доимо шахсан боваркардагонро ғӯта медод (с. 38). Д Н

7. Роҳзани дар салиб мехкӯбшуда агарчи

ғӯта нахӯрда бошад ҳам, ба биҳишт рафт (с. 38). Д Н

8. Ғӯта дар Паймони Навин доимо бо марг алоқаманд аст, на бо растохези рӯҳонӣ (с. 38). Д Н

9. Эҳтимол, вақте Худованд бо Никӯдимус дар бораи "таваллуд аз об" гап мезад, Никӯдимус мефаҳмид, ки сухан дар бораи ғӯтаи масеҳӣ меравад (с. 40). Д Н

10. Дар сӯҳбат бо Никӯдимус Худованд Исо барои фаҳмондани маънои таваллуд аз олами боло якчанд тимсолро истифода бурдааст (с. 40). Д Н

*Ҷавобҳои дуруст дар охири китоб ҷойгиранд. Ин корро барои тафтиш ба мактаби ғоибона нафиристед.*

ДАРСИ ПАНҶУМ

# Боз дар бораи ғӯта ва наҷот

Дар дарси гузашта мо боварӣ ҳосил кардем, ки Юҳ. 3:5 аҳкоми динро оиди наҷот ба воситаи ғӯта ҷонибдорӣ намекунад. Акнун ба порчаи дуюм муроҷиат мекунем, ки он низ барои ҳимояти ин таълимоти хоркунандаи Масеҳ васеъ истифода бурда мешавад.

## Таҳлили Эфс. 5:25-26

"... Масеҳ низ ба Калисо муҳаббат дошт ва Худро аз барои он таслим намуд, то ки онро ба ғусли об пок карда, ба воситаи калом тақдис (пок) намояд".

Онҳое ки "наҷот ба воситаи ғӯта аст" мегӯянд, вақте ин порчаро барои тасдиқи таълимоти худ истифода мебаранд, ба вазъияти душвор меафтанд.

Пеш аз ҳама калимаи "ғусл", ки ин ҷо ба кор бурда шудааст, дар забони юнонӣ на маънои "ғӯта", балки "шустушӯй"-ро дорад. Он боз танҳо як бори дигар дар Тит. 3:5 вомехӯрад, ва тамоман ба ғӯта дахл надорад.

Сипас, ақидаи ғӯта бо матни порча мувофиқат намекунад. Ғӯта дар марг дафн шудан аст, дар ҳоле ки ин ҷо дар бораи шустушӯй барои ҳаёт сухан меравад.

Дар порчаи мазкур тасвири таҷдиди (навшавии) бузурги рӯҳонӣ дода мешавад, вақте гуноҳкорон аз гуноҳҳо пок шуда, аъзоёни калисо мегарданд. Ин покшавӣ ба воситаи амали Сухани Худо ба ҷо оварда мешавад. Пеш аз ҳама Сухан моро ба воситаи ғусли

обии таваллуди дубора пок мекунад ва сипас рӯз ба рӯз мо ба воситаи Сухан аз гуноҳҳои ҳаёти ҳаррӯза пок мешавем.

Дар худи порча тафсир дода мешавад, ки об шустушӯй ба воситаи *Сухан* аст.

## Таҳлили Тит. 3:5

Порчаи нав бо порчаи пештара зич алоқаманд аст: “Ӯ моро на бар тибқи аъмоли одилонае ки мо мекардем, балки ба ҳасби марҳамати Худ наҷот дод, ба василаи ғусли таваллуди дубора ва таҷдиде ки аз Рӯҳулқудс аст”.

Ин ҷо боз сухан дар бораи “ғӯтаи таваллуди дубора” меравад, на дар бораи “ғусли таваллуди дубора”. Таваллуди дубора ба воситаи калимаи “ғусл” тасвир меёбад, ки беш аз ҳама ба маврид мувофиқат мекунад. Аммо ин ғусли рӯҳонист, ки бо он гуноҳҳо ва қонуншиканиҳои ҳаёти пештара пок мешавад, на нопокии ҷисмонӣ.

Дар ин оят ғӯтаро дидан гумроҳии хатарнок аст. Чунин мешавад, ки ғӯта боиси ягон дигаргунӣ дар ҳаёти рӯҳонии одам намешавад. Имрӯзҳо бисёр одамон на аз боиси ақидаҳои гумроҳонаи дигар, балки аз он сабаб ба дӯзах мераванд, ки ба фикрашон, ғӯта ҷонҳои онҳоро наҷот медиҳад.

## Таҳлили 1 Пет. 3:21

Порчаи охирин ки барои ҷонибдории ақидаи таваллуди дубора ба воситаи ғӯта истифода мешавад, – 1 Пет. 3:21 аст, ки дар он рӯйрост гуфта мешавад, ки ғӯта наҷот медиҳад. Ин оятро дар матн дида мебароем, то бифаҳмем, ки ба кадом маъно ғӯта наҷот дода метавонад.

18. «Чунки Масеҳ низ, барои он ки моро сӯи Худо оварад, як бор барои гуноҳҳои мо уқубат кашид, яъне одил барои золимон ба ҳасби ҷисм кушта шуд, аммо ба ҳасби рӯҳ зинда гардид,

19. Ва дар рӯҳ ӯ рафта, ба арвоҳе ки дар зиндон буданд, мавъиза намуд.

20. Онҳо пештар беитоат буданд, вақте ки Худо, дар айёми Нӯҳ, пурсаброна интизорӣ мекашид, ҳангоме ки киштӣ сохта мешуд, ки дар он мардуми каме, яъне ҳашт нафар, аз об наҷот ёфтанд.

21. Ва тимсоли он ғӯта аст, ки на шустани нопокии ҷисм, балки ба зимма гирифтани виҷдони пок аст ба ҳузури Худо, ки ҳоло моро низ ба воситаи растохези Исои Масеҳ наҷот медиҳад,

22. Ки ӯ ба осмон сууд карда, ба ямини Худо нишастааст ва фариштаҳо ба ҳукуматдориҳо ва қудратҳо мутеи ӯ шудаанд».
(1 Пет. 3:18-22)

Маънои ояти 1 Пет. 3:18 пурра фаҳмост: Масеҳ барои гуноҳҳои мо уқубат кашид, яъне одил барои золимон, то ки моро назди Худо оварад. ӯ маргро қабул кард, ба ҳасби ҷисм мурд, аммо аз сари нав бо қуввати Рӯҳи Пок аз мурдагон зинда шуд.

Оят 1 Пет. 3:19 мегӯяд, ки бо худи ҳамон Рӯҳ Исо рафта дар зиндон ба арвоҳ мавъиза мекард. *Диққат диҳед: ин ҷо гуфта намешавад, ки вақте ӯ ба арвоҳ мавъиза*

*мекард, онҳо дар зиндон буданд.* Ояти навбатӣ, 1Пет. 3:20, тамоман фаҳмо ба он ишорат мекунад, ки ин одамоне буданд, ки дар замони Нӯҳ зиндагӣ мекарданд. Онҳо ба Нӯҳ гӯш медоданд (акнун бошад мо мебинем, ки маҳз Масеҳ ба воситаи Нӯҳ ба онҳо муроҷиат мекард), аммо суханони ӯро қабул кардан нахостанд. Дар натиҷа, *акнун* онҳо арвоҳеанд, ки дар зиндон мунтазири рӯзи ҷазо ҳастанд.

Танҳо онҳое ки ба киштӣ даромаданд, аз об наҷот ёфтанд. Аз ин офат одамонро киштӣ наҷот медод, на об. *Онҳое ки дар об монданд, ҳалок шуданд.*

Сипас, дар ояти 1 Пет. 3:21, Петрус чизи ба маънои рӯҳонӣ гуфташударо дида мебарояд. Масеҳ киштии наҷот аст. Ӯ дар обҳои марг ғӯта хӯрдааст. Онҳое ки дар марги ӯ ба ҳасби рӯҳ ғӯта хӯрдаанд, наҷот меёбанд. Онҳо аз он сабаб наҷот меёбанд, ки дар Масеҳ ҳастанд.

Дигар хел карда гӯем, ғӯта ҳақиқатан моро наҷот медиҳад – аммо на ғӯтаи обӣ, балки ғӯтаи Масеҳ дар марг ва пайвастшавии мо бо ӯ дар ин марг.

Иборая "на шустани нопокии ҷисм" нишон медиҳад, ки ин ҷо ғӯтаи ҳақиқии обӣ дар назар дошта намешавад. Об чирки ҷисмро хуб пок мекунад, аммо наметавонад виҷдони покро дар пеши Худо диҳад. Тарҷумаи ибораи "ба зимма гирифтани виҷдони пок ... ба ҳузури Худо" ба матни аслии юнонӣ мувофиқат намекунад. Дар тарҷумаи аниқтар ояти 21 чунин аст: "Ин об тимсоли ғӯта [марги Масеҳ] аст, ки имрӯз низ моро наҷот медиҳад. Ғӯта шустани нопокии ҷисм нест, балки дархостест, ки Худо виҷдони пок диҳад". Ин танҳо ба воситаи пайваст шудан бо Масеҳ дар марг, дафншавӣ ва растохези ӯ имконпазир аст. Дар 1Пет. 3:21 маҳз оиди растохези Масеҳ гуфта мешавад, зеро

ҳама чиз ба воситаи ин муайян мешавад. Агар Масеҳ танҳо дар марг ғӯта ёфта, зинда намешуд, барои мо наҷот намебуд. Аммо чуноне ки киштӣ дар миёни тӯфони туғёнкунанда* тоб оварда, сокинони худро ба хушкӣ оварда расонд, ончунон Масеҳ низ ҳукми қатлро қабул карда, дар рӯзи сеюм зинда шуд ва акнун ҳамаи онҳоеро, ки "дар ӯ" ҳастанд, наҷот медиҳад.

Ҳамин тавр, ғӯта моро "ба воситаи растохези Исои Масеҳ" наҷот медиҳад" – *ба воситаи ғӯтаи ӯ, на* ғӯтаи мо.

## Ғӯтаи аҳли хонавода

Дар Паймони Навин якчанд маротиба мавридҳои ғӯтаи аҳли хонавода зикр мешавад. Ҳамин тавр, масалан, Лидия ва якҷоя бо вай аҳли хонаводааш ғӯта хӯрданд (Аъм. 16:33). Зиндонбон низ бо аҳли хонаводааш ғӯта хӯрд (Аъм. 16:33). Фириста Павлус аҳли хонаводаи Истефанусро ғӯта дода буд (1Қӯр. 1:16).

Ба назар метавонад чунин намояд, ки Навиштаҷот ошкоро дар бораи ғӯтаи тифлон мегӯяд. Аммо дар порчаҳои овардашуда дар бораи кӯдакони синамак ягон сухан ҳам гуфта нашудааст. Дар мавриди зиндонбон аз Филиппӣ гуфта мешавад, ки тамоми аҳли хонаводааш ба Худо бовар карданд (Аъм. 16:34).

Дигар ҷойҳои Паймони Навин ҳамчунин он нуқтаи назарро ҷонибдорӣ мекунанд, ки дар калисои ибтидоӣ танҳо бовардорон ғӯта мехӯрданд: "Пас *онҳое ки каломи ӯро бо рағбат** қабул карданд, таъмид*

* туғёнкунанда — мавҷзананда

** рағбат — хоҳиш

*гирифтанд*" (Аъм. 2:41), "Ва бисёре аз қӯринтиён, чун шуниданд, имон оварданд ва *таъмид гирифтанд*" (Аъм. 18:8).

Дар айни замон бояд эътироф намуд, ки дар Навиштаҷот қонуни оиладӯстӣ амал мекунад. Худо ба оила чун ба як чизи том менигарад, ва агар як аъзои он бовар кунад, бартариҳои муайян ба аъзоёни боқимонда низ дахл хоҳанд дошт: "Зеро ки шавҳари беимон (нобовар) ба воситаи завҷаи* имондораш (боваркардааш) қудсият (покӣ) пайдо мекунад, ва завҷаи беимон ба воситаи шавҳари имондораш қудсият пайдо мекунад; вагарна фарзандони шумо нопок мебуданд, ва ҳол он ки дар асл онҳо муқаддас (пок) ҳастанд" (1Қӯр. 7:14). Ин маънои онро надорад, ки Худо наҷоти аъзоёни оилаҳои масеҳиро кафолат** медиҳад: ҳар кас бояд бо Исо шахсан вохӯрад. Бо вуҷуди ин аъзоёни боваркардаи оила ба аъзоёни боқимонда таъсири поккунанда мерасонанд, бинобар ин барои чунин нобоварон наҷот ёфтан бештар имконпазир аст, назар ба онҳое ки берун аз муҳити масеҳӣ зиндагӣ мекунанд.

## Муносибати Павлус ба ғӯтаи боваркардагон

Дар охири сӯҳбат оиди ғӯтаи боваркардагон он айбдоркуниеро таҳлил мекунем, ки бисёр вақт ба фириста Павлус арз мекунанд, аниқтараш гӯё ки вай

---

*завҷа — зан

** кафолат — гарантия

бо муносибати худ ба ғӯта нишон медод, ки ғӯта ҳатмӣ нест ё барои масеҳиён чандон муҳим нест. Биеёд аз 1Қӯр. порчаеро мехонем: "Ман онро дар назар дорам, ки ҳар яке аз шумо мегӯяд: "Ман аз они Павлус ҳастам"; "Ман аз они Апӯллӯс", "Ман аз они Кифо"; "Ман аз они Масеҳ". Оё Масеҳ аз ҳам ҷудо шудааст? Оё Павлус барои шумо маслуб гардидааст? Ё ки шумо ба исми Павлус таъмид ёфтаед? Худоро шукр мегӯям, ки ман ҳеҷ яке аз шуморо, ба ғайр аз Криспус ва Ғоюс, таъмид (ғӯта) надодаам, то касе нагӯяд, ки ман ӯро ба исми худ таъмид додаам. Ман инчунин аҳли байти Истефанусро таъмид додаам; ҷуз инҳо дар хотир надорам, ки каси дигареро таъмид дода бошам. Зеро Масеҳ маро нафиристодааст, ки таъмид диҳам, балки башорат диҳам, на дар ҳикмати калом, то ки салиби Масеҳ ботил нашавад" (1Қӯр. 1:12-17).

Барои исбот ду порча гирифта мешавад.

1. "Худоро шукр мегӯям, ки ман ҳеҷ яке аз шуморо... таъмид (ғӯта) надодаам..."

2. "Зеро Масеҳ маро нафиристодааст, ки таъмид диҳам, балки башорат диҳам..."

Аммо ин далелҳо суст ҳастанд, ва дар худи ҳамин порча ҳама чиз аён мегардад.

Барои чӣ Павлус ташаккур мегуфт, ки ҳеҷ касро, ғайр аз Криспус ва Ғоюс, ғӯта надодааст? Ҷавоб дар ояти навбатӣ ҷойгир аст: "то касе нагӯяд, ки ман ӯро ба исми худ таъмид (ғӯта) додаам". Қӯринтиёни ҷисмонӣ бутпараст буданд, ва Павлус намехост, ки яке

аз бутҳои онҳо гардад. Қӯринтиён бо камоли майл аз пайи муаллимони башарӣ мерафтанд, Павлус бошад онҳоро даъват мекард, ки ба Масеҳ вафодор буда, танҳо ӯро дӯст бидоранд, на каси дигарро.

Чаро вай дар порчаи навбатӣ чунин мегӯяд: "Масеҳ маро нафиристодааст, ки таъмид (ғӯта) диҳам, балки башорат диҳам"? Зеро ғӯта барои Павлус дуюмдараҷа буда, дар ҷои аввал Инҷил меистод. Вазифаи асосии вай башоратдиҳӣ буд, на ғӯта. Аммо аллакай худи ғӯтаи Криспус, Ғоюс ва Истефанус нишон медиҳад, ки Павлус ба ғӯта бовар мекард. Ин ҷавоби пурра ба онҳоест, ки ба ақидаашон ғӯта барои давроне ки мо дар он зиндагӣ мекунем, муқаррар нашуда буд (яъне барои замони Паймони Навин). Павлус ғӯтаро қисми хизматгузории худ меҳисобид ва онро амалӣ мегардонд.

*Маводи дарсро аз худ карда, Кори санҷишии 5-ро иҷро кунед. Ҷавобҳои худро бо ҷавобҳои дуруст, ки дар охири китоб оварда шудаанд, муқоиса намоед.*

*Сипас Кори имтиҳонии 5-ро иҷро кунед.*

КОРИ САНҶИШИИ 5

## Оё шумо ин маводро хуб аз худ кардед?

*Дар тарафи рости саҳифа ҳарфи Д-ро (баёноти дуруст) ё ҳарфи Н-ро (баёноти нодуруст) ба давра гиред:*

1. Дар Эфс. 5:25-26 гуфта мешавад, ки ғӯта ҳар гуна гуноҳро пок мекунад (с. 45). Д Н

2. Калимаи "ғусл" дар Эфс. 5:25-26 маънои ғӯтаро дорад (с. 45). Д Н

3. Калимаи "ғусл", ки дар Эфсӯсиён зикр мешавад, дар Паймони Навин боз як бори дигар дар Тит. 3:5 вомехӯрад (с. 45). Д Н

4. Ғусли обӣ ба воситаи Сухани Худо иҷро мешавад (с. 45). Д Н

5. Дар Тит. 3:5 таваллуд аз олами боло чун ғусл тасвир меёбад (с. 46). Д Н

6. Дар 1Пет. 3:21 аниқ дар бораи наҷот ба воситаи ғӯта гуфта мешавад (с. 46). Д Н

7. Дар замони Нӯҳ онҳое наҷот ёфтанд, ки дар об буданд (с. 47). Д Н

8. Дар марг ғӯта ёфтани Масеҳ наҷот медиҳад, на ғӯтаи обии мо (с. 48). Д Н

9. Азбаски дар Китоби Муқаддас оиди принсипи оилавӣ зикр мешавад, он гоҳ тахмин кардан мантиқист, ки ғӯтаи тифлон барои онҳо наҷотовар аст (с. 49). Д Н

10. Павлус ба ғӯта бовар мекард, агарчи шахсан на он қадар шумораи зиёди пайравони худро дар Қӯринтус ғӯта дода буд (с. 50). Д Н

*Ҷавобҳои дуруст дар охири китоб ҷойгиранд. Ин корро барои тафтиш ба мактаби ғоибона нафиристед.*

ДАРСИ ШАШУМ

# Дигар намудҳои ғӯта

Ваъдаи ғӯта бо Рӯҳи Пок қисми муҳими хизматгузории Яҳёи Ғӯтадиҳандаро ташкил медод. Ба тариқи ниҳоят хоксоронаи худ вай доимо такрор мекард, ки бо оби оддӣ таъмид медиҳад, аммо Оне ки пас аз вай меояд, бо Рӯҳулқудс таъмид хоҳад дод (Мат. 3:11; Марқ. 1:8; Луқ. 3:16; Юҳ. 1:33).

Ин ваъдаро Худованд Исо пеш аз ба осмон рафтанаш дар ҳузури шогирдони Худ тасдиқ намуд. Ӯ аз онҳо хоҳиш намуд, ки Ерусалимро тарк накунанд, балки мунтазири он “ваъдаи Падар” бошанд: “Зеро ки Яҳё бо об таъмид (ғӯта) медод, лекин шумо, баъд аз чанд рӯз, бо Рӯҳулқудс таъмид хоҳед ёфт” (Аъм. 1:5).

Ва ҳақиқатан, дар рӯзи Пантикост Рӯҳи Худо ба боваркардагон дар Ерусалим фуруд омада, онҳоро дар калисо, Бадани Масеҳ, бо ҳам пайваст намуд. Ба фуруд омадани Рӯҳ тундбод, забонаҳои аз ҳам ҷудои оташ ва атои аҷоиби забондонӣ ҳамроҳӣ мекард (Аъм. 2:2-4).

Дар Аъмол камаш боз се ҳолате тасвир мешавад, ки Рӯҳи Пок ба боваркардагон, аниқтараш ба сомариён (Аъм.8:17), ғайрияҳудиён (Аъм. 10:44) ва шогирдони Яҳё (Аъм. 19:6), фуруд меомад.

Чунон ки аллакай гуфта шуда буд, боваркардагон пас аз ғӯта бо Рӯҳ Бадани Масеҳ мешаванд. “Зеро ки ҳамаи мо – хоҳ яҳудиён, хоҳ юнониён, хоҳ ғуломон, хоҳ озодон – бар тибқи як Рӯҳ дар як бадан таъмид (ғӯта) ёфтаем, ва ҳама аз як Рӯҳ нӯшонида шудаем” (1 Қӯр. 12:13).

Дар хусуси ғӯта бо Рӯҳ мухолифатҳо вуҷуд доранд. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки ин амали дуюм ва махсуси файз аст, ки пок менамояд ва нишондиҳандаи атои забонҳост. Дигарон таълим медиҳанд, ки натиҷаи чунин ғӯта нобудшавии табиати гуноҳолуди боваркарда аст.

Паймони Навин ҳеҷ яке аз ин таълимотро ҷонибдорӣ намекунад, ки мувофиқи онҳо мақсади ғӯта бо Рӯҳ гӯё танҳо ба калисо пайваст намудани боваркардагон мебошад. Лаҳзае ки одам наҷот меёбад, вай узви Бадани Масеҳ мешавад.

Аммо бояд эътироф кард, ки оиди масъалаи мазкур чунин фарқи нусхаҳо низ вуҷуд дорад (агарчи онҳо чандон ҷиддӣ ҳам набошанд), ки дар натиҷаи нодуруст истифода бурдани истилоҳҳо ба вуҷуд омадаанд. Бисёр масеҳиёни самимӣ таъсири амали Рӯҳи Покро аз сар гузарониданд, ки онҳоро ба Исо наздик кард ё ба хизматгузории махсус илҳом бахшид. Аз боиси ҷӯшу хурӯши худ онҳо барғалат инро чун ғӯта бо Рӯҳи Пок қабул карданд. Боваркардагони бештар эътиқодманд, агарчи чунин фаҳмидани "ғӯта бо Рӯҳ"-ро дуруст рад карданд, аммо то пурра инкор кардани воқеӣ будани таҷрибаи мазкур расиданд. Чунин одамон сазовори ҳамдардӣ ҳастанд. Сарфи назар аз тафсири нодурусти ин эҳсосот, хеле беҳтар аст, ки аз Рӯҳ пур бошӣ, назар ба он ки аз ҷиҳати илоҳиётшиносӣ дуруст, аммо рӯҳан хунукназар ва напазиранда бошӣ.

Дар алоқамандӣ бо Рӯҳи Пок дигар масъалаҳо низ ба миён меоянд. Масалан:

1. Ғӯта бо Рӯҳ танҳо дар рӯзи Пантикост ба амал омад ва ё ин ки дар дигар эпизодҳои китоби

Аъмол низ ҷой дошт, масалан, дар мавриди сомариён, ғайрияҳудиён ва шогирдони Яҳё?

2. Оё ғӯта бо Рӯҳ барои наҷоти одам дар замони мо ба амал меояд ё ин ки одам ба таври автоматӣ дорои ҳамон баракате мегардад, ки як вақтҳо ва барои ҳама дар рӯзи Пантикост фуруд омада буд?

Агарчи ин масъалаҳо аз нуқтаи назари илоҳиёт шавқовар бошанд ҳам, барои ҳаёти амалии масеҳӣ онҳо чандон муҳим нестанд, ва набояд вақти барои хизмат муқарраршудаи боваркардагонро рабуда, хурсандиро аз ҳақиқати пурбаракати ғӯта бо Рӯҳ бигиранд.

Дар хотимаи ин фасл такрор мекунем, ки ғӯта бо Рӯҳ бо ғӯтаи обӣ алоқаманд нест. Ғӯтаи боваркарда пайвастшавии вайро бо Масеҳ дар марги ӯ ифода мекунад, на фуруд омадани Рӯҳро ё пайвастшавиро ба Бадани Масеҳ.

## Ғӯта бо оташ

Ҳангоми рӯякӣ хондани Паймони Навин метавонад чунин тасаввурот пайдо шавад, ки гӯё ғӯта бо Рӯҳи Пок ва ғӯта бо оташ як чиз аст. "Ӯ шуморо бо Рӯҳулқудс ва оташ таъмид хоҳад дод" (Мат. 3:11; Луқ. 3:16).

Тасдиқи он дар Аъм. 2 ҳаст. Дар он гуфта мешавад, ки ғӯта бо Рӯҳи Покро забонаҳои аз ҳам ҷудо, мисли забонаҳои оташ, ҳамроҳӣ мекарданд (Аъм. 2:3).

Ва бо вуҷуди ин ғӯта бо оташ ғӯтаи махсус аст, ки аз ғӯта бо Рӯҳ фарқ мекунад. *Ин ғӯтаи маҳкумкунӣ аст,*

*на ғӯтаи баракатдиҳӣ.* Ба ин боварӣ ҳосил пайдо кардан душвор нест.

Ба тӯдаи мардум, ки дар миёни он ҳам боваркардагон буданд, ҳам нобоварон, муроҷиат намуда, Яҳёи Ғӯтадиҳанда чунин мегуфт: "ӯ шуморо бо Рӯҳулқудс ва оташ таъмид хоҳад дод" (Мат. 3:11; Луқ. 3:16).

Дар сӯҳбат бо боваркардагон (Марқ. 1:5) вай гуфта буд: "ӯ шуморо бо Рӯҳулқудс таъмид (ғӯта) хоҳад дод" (Марқ. 1:8). Оташ ин ҷо зикр намешавад.

Оятҳое ки пас аз суханон дар бораи ғӯта бо оташ меоянд, ҳамчунин исбот мекунанд, ки он ғӯтаи маҳкумкунист. "ӯ ғалбери Худро дар даст дорад, ва ӯ хирмангоҳи Худро тоза карда, гандуми Худро дар анбор гирд хоҳад овард, лекин коҳро *дар оташи хомӯшнашаванда хоҳад сӯзонд*" (Мат. 3:12; Луқ. 3:17).

Оташ чун рамзи маҳкумкунӣ дар порчаҳои дигар низ истифода бурда мешавад: дар 2 Тас. 1:8; Яҳ. 7; Ваҳй 19:20;

Гуфтан мумкин аст, ки ғӯта бо оташ дар с. 70 милод дар Ерусалим ба ҷо оварда шуд, вақте шаҳр нобуд гардида, яҳудиён дар саросари замин пароканда шуданд. Аммо боз як ғӯтаи дигар меояд, вақте Худо ҷаҳони пургуноҳро, ки Масеҳро рад кардааст, доварӣ хоҳад кард. Ҳама онҳоеро ки марҳамати Худоро рад кардаанд, маҳкумияти абадӣ дар кӯли оташин интизор аст

## Ду ғӯтаи Паймони Куҳан, ки дар Паймони Навин зикр мешаванд

## 1. Ғӯта ба Мусо

Дар 1 Қӯр. 10:2 фириста Павлус калимаи "ғӯта"-ро истифода бурда, дар бораи фарзандони Исроил, ки аз баҳри Сурх мегузаштанд, ва дар бораи оварагардии онҳо дар биёбон сухан меронад.

"Ман намехоҳам, эй бародарон, ки шумо бехабар бошед аз он ки падарони мо ҳама дар зери абр буданд, ва ҳама аз баҳр гузаштанд; ва ҳама дар абр ва дар баҳр ба Мусо ғӯта ёфтанд; ва ҳама айни як ғизои рӯҳониро мехӯрданд; ва ҳама айни як нӯшокии рӯҳониро менӯшиданд, зеро аз кӯҳпораи рӯҳоние менӯшиданд, ки аз ақибашон меомад; ва он сахра Масеҳ буд. Лекин бар аксари онҳо ҳусни таваҷҷӯҳи Худо набуд; зеро ки онҳо дар биёбон ба ҳалокат расиданд. Ва инҳо барои мо тимсоле буданд, то мо бадиро орзу накунем, чунон ки онҳо орзу мекарданд" (1Қӯр. 10:1-6).

Оиди он ки мардум ба Мусо дар абр ва дар баҳр ғӯта гирифтанд, сухан ронда, Павлус фақат ба он ишорат мекунад, ки онҳо Мусоро чун роҳбари худ эътироф намуданд, вақте вай онҳоро аз баҳри Сурх гузаронда, ба абр нигоҳкунон аз роҳи биёбон мебурд.

Аммо, сарфи назар аз эътирофи зоҳирии обрӯи Мусо, дилҳои одамон ҳанӯз дар Миср буданд. Онҳо ҳаёти пештараи гуноҳолуди худро ёд мекарданд.

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки одам метавонад дар рӯҳ ғӯта хӯрда, ҷудошавиро аз ҷаҳони гуноҳолуд эътироф намояд, аммо дилаш ҳанӯз дар ин ҷаҳон бошад. Пас, эътирофи зоҳирӣ кофӣ нест. Бояд растохези  дарунӣ ва ҷудошавӣ аз гуноҳ ба амал ояд.

## 2. Ғӯтаи яҳудӣ

Дар Нома ба ибриён 6:2 калимаи “ғӯта” барои ифода кардани ҳар гуна таҳоратҳои яҳудиён, ки ба хизматгузорӣ дар хайма ва маъбад алоқаманд аст, истифода бурда мешавад. Масалан, вақте ба Ҳорун ва писаронаш каҳонат супорида мешуд, Мусо онҳоро бо об шуст. Ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ дар хайма коҳинон ҳамчунин бояд дасту поҳои худро мешустанд. Муаллифи нома ба Румиён менависад, ки ин танҳо тимсол ва сояҳоест, ки бояд аз барои воқеиятҳои рӯҳонии масеҳият тарк карда шаванд.

Худи ҳамон як калима чун “ғӯта” дар Иб. 6:2 ва чун “таҳорат” дар Иб. 9:10 тарҷума шудааст: “Ва онҳо, бо чизҳои хӯрданӣ ва нӯшиданӣ ва бо ҳар гуна *таҳорат* ва маросим, дастурҳои мансуб ба ҷисм буда, фақат то замони ислоҳ муқаррар карда шудаанд”.

Ин ҷо боз зикр карда мешавад, ки ҳамаи ин маросимҳо муваққатӣ буда, дар Масеҳ анҷом ёфтанд.

Дар Мар. 7:4,8 исми юнонӣ, ки “ғӯта”-ро ифода мекунад, чун “шустушӯй” тарҷума шуда, ба шустушӯи маросимии пиёлаҳо, кӯзаҳо ва курсиҳо ва дигар асбобу анҷом дахл дорад. Дар Луқ. 11:38 бошад, феъли аслии юнонӣ барои тасвири таҳоратҳои мураккаби маросимӣ, ки пеш аз хӯрок ба ҷо оварда мешуданд, истифода бурда мешавад.

## Хулоса

Дар ин саҳифаҳо оиди он гуфта шуда буд, ки дар Паймони Навин якчанд хели ғӯта зикр мешавад: ғӯтаи рӯҳонӣ, ғӯтаи ҷисмонӣ ва ғӯтае ки ҳар ду навъи ғӯтаро бо ҳам муттаҳид месозад.

Аммо, сарфи назар аз гуногунхелии ғӯта, фириста Павлус ба эфсӯсиён чунин навишта буд: “Як Худованд ҳаст, як имон, *як таъмид*” (Эфс. 4:5). Пас, дар бораи кадом “як таъмид (ғӯта)” сухан меравад?

Мувофиқи ақидаи баъзеҳо ин ҷо ғӯта бо Рӯҳ дар назар дошта мешавад, аммо оиди ин навъ ғӯта дар Эфс. 4:4 гуфта мешавад: “Як Бадан ҳаст ва як Рӯҳ”. Ин Рӯҳест, ки баданро ба воситаи дар ӯ ғӯта хӯрдани боваркардагон меофарад.

Ба фикри мо, “як таъмид (ғӯта)”, ки дар Эфс. 4:5 зикр мешавад, ғӯта дар марги Масеҳ аст, ки ҳангоми бовар кардан ба амал омада, сипас ба воситаи ғӯтаи обӣ тасдиқ мешавад. Он факт, ки имрӯзҳо шаклҳои гуногуни ғӯта истифода мешаванд, онро инкор намекунад, ки ҳар боваркарда дар марги Масеҳ ғӯта мехӯрад, хоҳ вай дар об ғӯта ёфта бошад, хоҳ не.

Ғамангез аст, ки шайтон маросими аҷоиби ғӯтаро истифода бурдааст, то ҳама чизро печ дар печ кунад. Эҳтимол, дар мамлакатҳои ба ном масеҳӣ одамон бисёр вақт аз сабабҳои дигар дида бештар аз боиси боварии қатъии худ ба нақши наҷотдиҳандаи ғӯта нобуд мегарданд. Илова бар ин, боваркардагон, назар ба худи ҳақиқати рӯҳонӣ, ки маросим дар бораи шаҳодат медиҳад, бештар ба маросим аҳамият медиҳанд. Дар натиҷа, пас аз ғӯта дар об, ҳаёти минбаъдаи онҳо тағйир намеёбад.

Аммо ҳақиқати Худо вуҷуд дорад. Вақте дастуроти оддии Сухани Худо нисбати ғӯта ба ҷо оварда мешаванд, он гоҳ шодӣ ва оромӣ ба даст меояд. Хоҷасаро ғӯта хӯрда, “роҳи худро бо хурсандӣ давом дод”. Имрӯзҳо низ бо ҳамаи онҳое ки дар бовар ва итоаткорӣ зиндагӣ мекунанд, ҳамин гуна аст.

*Маводи дарсро аз худ карда, Кори санҷишии 6-ро иҷро кунед. Ҷавобҳои худро бо ҷавобҳои дуруст, ки дар охири китоб оварда шудаанд, муқоиса намоед.*

*Сипас Кори имтиҳонии 6-ро иҷро кунед.*

КОРИ САНҶИШИИ 6

## Оё шумо ин маводро хуб аз худ кардед?

*Дар тарафи рости саҳифа ҳарфи Д-ро (баёноти дуруст) ё ҳарфи Н-ро (баёноти нодуруст) ба давра гиред:*

1. Яҳёи Ғӯтадиҳанда дар бораи ғӯта бо Рӯҳ нубувват мекард (с. 54). Д Н

2. Худованд Исо пеш аз сууди Худ дар бораи он гуфта буд, ки ба наздикӣ ғӯта бо Рӯҳи Пок ба амал хоҳад омад (с. 54). Д Н

3. Ғӯта бо Рӯҳ дар амали Рӯҳи Пок мебошад, ки боваркардагонро ба калисо медарорад, яъне онҳоро дар Бадани Масеҳ муттаҳид мекунад (с. 54). Д Н

4. Дар Китоби Аъмол ягона ҳолати нозил шудани Рӯҳи Пок тасвир ёфтааст, ки дар рӯзи Пантикост ба амал омад (с. 54). Д Н

5. Дар замони мо ғӯта бо Рӯҳро доимо суханронӣ ба забонҳои дигар ҳамроҳӣ мекунад (с. 54). Д Н

6. Ғӯта бо рӯҳ пурра табиати гуноҳолуди боваркардаро нобуд мекунад (с. 54). Д Н

7. Бисёриҳо мафҳуми "аз Рӯҳ пур шудан"-ро бо мафҳуми "ғӯта бо Рӯҳ" омехта мекунанд (с. 55). Д Н

8. Ғӯта бо оташ, ки дар бораaш Яҳёи Ғӯтадиҳанда гуфта буд, ғӯтаи маҳкумкунист (с. 56). Д Н

9. Сарфи назар аз он ки тамоми исроилиён дар обҳои баҳри Сурх "ба Мусо таъмид (ғӯта) ёфтанд", дили бисёрии онҳо мисли пештара гуноҳолуд монд (с. 57). Д Н

10. Имрӯзҳо бисёр вақт чунин мешавад, ки пас аз ғӯтаи обӣ ҳаёти одам дигаргун намешавад (с. 59). Д Н

*Ҷавобҳои дуруст дар охири китоб ҷойгиранд. Ин корро барои тафтиш ба мактаби ғоибона нафиристед.*

## Пешниҳодҳо оиди дар гурӯҳ истифода бурдани корҳои санҷишӣ

1. Муаллим метавонад аз китобҳои дарсӣ варақаи ҷавобдори корҳои санҷиширо бурида гирад.

2. Муаллим бояд корҳои санҷишии худро пешакӣ иҷро карда, ҷавобҳои худро тафтиш кунад. Он гоҳ вай метавонад, ҳангоми таҳлили масъалаҳои душвор, ба донишҷӯён ёрдам диҳад.

3. Корҳои санҷиширо барои дарсҳои умумӣ истифода бурдан мумкин аст. Пеш аз оғози дарс барои иҷрои кори ба дарси гузашта дахлдор якчанд дақиқа ҷудо кардан мумкин аст. Натиҷаҳо дарҳол ҳангоми ҷавобҳои дурустро шуморидани муаллим тафтиш карда мешаванд. Муҳокимаи кӯтоҳи ҷавобҳо барои аз худ кардани маводи дарс хеле хуб аст.

4. Донишҷӯёнро дар зарурати иҷрои корҳои санҷишӣ ва имтиҳонӣ бовар кунондан лозим аст; бе ин аз худ кардани маводи дарс номумкин аст.

5. Донишҷӯёнеро ки курсро бо муваффақият хатм кардаанд, ба таври махсус қадрдонӣ кардан лозим аст.

# Ҷавобҳо ба саволҳои корҳои санҷишӣ

| Кори санҷишӣ | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Савол<br>1<br>2<br>3<br>4<br>5<br>6<br>7<br>8<br>9<br>10 | <br>Д<br>Н<br>Д<br>Д<br>Н<br>Н<br>Д<br>Д<br>Н<br>Д | <br>Д<br>Д<br>Д<br>Д<br>Д<br>Н<br>Н<br>Н<br>Д<br>Н | <br>Д<br>Н<br>Н<br>Д<br>Н<br>Д<br>Н<br>Н<br>Н<br>Д | <br>Н<br>Н<br>Д<br>Н<br>Н<br>Н<br>Д<br>Д<br>Н<br>Д | <br>Н<br>Н<br>Д<br>Д<br>Д<br>Д<br>Н<br>Д<br>Н<br>Д | <br>Д<br>Д<br>Д<br>Н<br>Н<br>Н<br>Д<br>Д<br>Д<br>Д |
| Шумора и саволҳои дуруст<br><br>Ба даҳ зарб занед | x10 | x10 | x10 | x10 | x10 | x10 |
| Холҳои шумо | | | | | | |

100% - аъло

90% - хеле хуб. Ҷавобҳои нодурустро тафтиш кунед.

80% - хуб. Дарсро бори дигар хонед.

Камтар аз 80% - дарсро аз сари нав омӯзед.

Ҳатман саволҳоеро, ки ба онҳо ҷавобҳои нодуруст дода шуда буданд, аз нав дида бароед. Ҳар ҷавоби нодурустро бо салибча «х» қайд кунед.